


ТОҶИКИСТОН

№52 (1665), 24.12.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якбост! Оғози нашр соли 1992

Ҳоҷимуҳаммад Умаров:

ТОҶИКИСТОН БА ДУ ИСЛОҲОТ И ҶИДДӢ НИЁЗ ДОРАД



ДАР ИН ШУМОРА:

ФОҶИАИ ҚОБИЛҶОН
Ваъдаи Путин ба Эмомалӣ Раҳмон с.3

ДОНАЛД ТРАМП:
Бовар макун ба дӯстат... с.4

ДУШАНБЕ
Соҳиби бинои нави телевизион шуд с.2

СОЛИ НАВ
Чаро мухолифони он меафзоянд? с.5

ШАРОФАТ РАШИДОВА:
Вақте мерақсӣ ҳама чизро фаромӯш мекунӣ с.7

АБДУВОҲИД ШАМОЛОВ:
Соли нав аз оини Митроист с.13

ЛОИҚ РАҶАБОВ
Чаро UFC шартномаашро бо ӯ қатъ кард? с.10

КАНЗИ ШИФО
Чӣ бояд кард, ки ҷашнро дар ҷойгаҳ пешвоз нагиред? с.12

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «БУЛЬВАР СКАНДИНАВИЯ»

СЕБИСТОН-2018 — ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —

кӯч. Панҷрӯд, маҳ. 91/92

› Маҷмаа аз рӯйи лоиҳаи скандинавӣ - тарҳи мухтасар, фасадҳои равшан ва ҳавлиҳои бароҳат сохта мешавад.

› Маҷмаа дар марҳилаи аввали сохтмон қарор дошта, бунёди он бомаром идома меёбад.

› Сохтмон 3 сол идома меёбад.

› Барои харидорон пешпардохти қулай вуҷуд дорад, интихоби табъи дили худро барои зиндагии бароҳат имрӯз кунед.

Телефони шуъбаи фурӯш:
(+992) 122-122-122



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ,
сармуҳаррири рӯзномаи “The Bukharian Times”

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА,
доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ,
доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА,
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тақти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.



«ТЕЛЕВИЗИОНИ ДУШАНБЕ»
СОҲИБИ БИНОИ НАВ ШУД

24-УМИ ДЕКАБР БО ИШТИРОКИ ПРЕЗИДЕНТИ КИШВАР ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БИНОИ НАВИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ “ТЕЛЕВИЗИОНИ ДУШАНБЕ” БА ИСТИФОДА ДОДА ШУД. БА ИТТИЛОИ ХАДАМОТИ МАТБУОТИ САРВАРИ ДАВЛАТ, БИНОИ НАВИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ “ТЕЛЕВИЗИОНИ ДУШАНБЕ” ДОРОИ 80 ҲУҶРАИ КОРӢ АСТ ВА БАРОИ КОРМАНДОНИ ЭҶОДӢ ВА ТЕХНИКӢ ТАМОМИ ШАРОИТИ ФАЪОЛИЯТ ФАРОҲАМ ОВАРДА ШУДААСТ.



Инчунин, “Телевизиони Душанбе” чор студияи мучаҳҳаз бо муҳимтарин лавозимоти соҳавӣ дошта, калонтарини он студияҳои якум ва дуюм мебошанд. Инҳо барои сабти барномаҳои консертӣ, ток-шоу ва барномаҳои калонҳаҷм пешбинӣ шудаанд.

Ҳарду студия дорои 4 маҷмуи таҷҳизоти студиявӣ ва 3 ҳуҷраи ёрирасон буда, дар маҷмуъ имкони ҷойгиркунонии то 50 мухлисро доранд.

Студияҳои сеюм ва чорум бо 2 маҷмуи таҷҳизоти студиявӣ ва 8 ҳуҷраи корӣ сохта шуда, барои ташкил ва дар сатҳи баланд баргузор намудани барномаҳои гуногуни телевизионӣ пешбинӣ шудаанд.

Қаблан Муассисаи давлатии “Телевизиони Душанбе” дар бинои солҳои 40-уми садсолаи гузашта сохташуда фаъолият мекард. Бинои пештара дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, ба талаботи соҳа ҷавобгӯ набуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид бо итминон иброз дошт, ки ҳайати эҷодӣ ва техникии “Телевизиони Душанбе” бо фаъолият дар шароити хубу замонавӣ ва бо истифода аз навтарин технологияи соҳаи телевизион бинандаи худро бо тозатарин хабару рӯйдодҳо ва барномаҳои ҷолибу диданӣ таъмин менамоянд.

КОРХОНАИ НАВИ МАҲСУЛОТИ ГӮШТӢ ДАР ШОҲМАНСУР

Ҳамчунин, 24-уми декабр бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Шоҳмансури пойтахт корхонаи маҳсулоти гӯштӣ ва ҳасибҳои ҶДММ “Покиза М” ба истифода дода шуд.

Иқтидори истеҳсолии корхона дар як шабонарӯз то 7 тонна маҳсулоти гӯштӣ ва ҳасибро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳандаҳо саҳми корхонаро дар ғанӣ гардонидани бозори истеъмолии кишвар бо маҳсулоти ватанӣ ва коҳиши воридоти он аз хориҷи кишвар боз ҳам назаррас мегардонанд.

Дар корхона 77 сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ, шароити мусоиди меҳнат ва музди хуб таъмин гардидаанд. Тибқи дурнамо, бо васеъ гардидани иқтидори истеҳсолӣ шумораи кормандон то 280 кас расонида шуда, пас аз қонеъ гардонидани талаботи бозори дохилӣ содироти маҳсулот ба кишварҳои хориҷӣ низ ба роҳ монда мешавад. Ин иқдом ба афзоиши иқтидори содиротии кишвар ва таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар бозорҳои минтақавӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҳамчунин, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз намоиши маҳсулоти корхона дидан намуда, бо шароит, имконот ва ҷараёни коркарди маҳсулот фосилавӣ шинос шуд. Ба масъулон ҷиҳати боз ҳам бехтар ба роҳ мондани фаъолияти корхона дастуру тавсияҳо дода шуд.

МАРҲИЛАИ ДУЮМИ “КОКА-КОЛА” БО 600 ҶОЙИ КОР

24-уми декабр Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Душанбе ба фаъолияти марҳилаи дуюми Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Кока-Кола Нӯшокиҳои Тоҷикистон”, ки ҷузъи Гурӯҳи Анадолу мебошад, оғози расмӣ бахшиданд.


Марҳилаи аввали фаъолияти ширкат аз соли 2015 оғоз гардида, бо як хати истеҳсолӣ 100 кормандро фаро гирифта буд.

Иттилоъ дода шуд, ки иқтидори корхона дар як сол истеҳсоли 170 миллион литр нӯшокиҳои ташнагишикан буда, дар зарфҳои гуногунҳаҷм пешниҳоди бозори истеъмолӣ мегардад.

Бо таъсис ва ба фаъолият оғоз намудани марҳилаи нави ин иншооти саноатӣ беш аз 600 кас бо кор таъмин гардиданд. Ҳоло дар корхона 7 намуд нӯшокиҳои брендӣ барои қонеъсозии талаботи мизоҷон истеҳсол мешавад.

Дар ҳамин рӯз Муассисаи давлатии “Рекламаи берунӣ ва ороиши Душанбе” низ аз ҷониби Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба таври фосилавӣ ифтитоҳ шуд.

Президенти Русия Владимир Путин дар дидор бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба оила ва пайвандони Қобилҷон Алиев ҳамдардӣ кард ва ваъдаи таҳқиқи қатли ин навраси 10-солаи тоҷикро дод. Вохӯрии сарони кишварҳо 22-юми декабр дар шаҳри Санкт-Петербург доир шуд…



ВАЪДАИ ПУТИН БА ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

ЗЕРИ НАЗОРАТИ ПУТИН

Президенти Русия Владимир Путин ба Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва хонаводаи навраси кушташудаи тоҷик таслият баён карда, гуфт, ки ин ҳодиса ӯро “ҳайратзада” кардааст.

“Гунаҳкорон ҷазо хоҳанд гирифт... Анҷом додани амалиётҳои террористӣ нисбат ба кӯдакон нафратангез аст. Тафтишот то охир анҷом хоҳад ёфт ва гунаҳкорон, агар якчанд нафар бошанд, бешубҳа, ба пуррагӣ ҷазо хоҳанд гирифт. Ман боз ҳам такрор мекунам, ин ҷиноят маро ҳайратзада кард”,- изҳор дошт Владимир Путин.

Эмомалӣ Раҳмон дар посух ба ин аз ҳамтои русаш изҳори сипос кард ва гуфт, "ҳодисае, ки рух дод, ғайричашмдошт буд".

"Ҳодисае, ки рух дод, мо мехоҳем, ки аз тарафи сохторҳои интизомии шумо бодиққат таҳқиқ шавад ва ба гунаҳкор ҷазои сахт дода шавад. Ман умед дорам, ки қазия зери назорати шумо хоҳад буд",- гуфт Эмомалӣ Раҳмон.

Ёдовар мешавем, ки Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар вохӯрии ғайрирасмии сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба шаҳри Санкт-Петербурги Русия сафар карда буд.

ФОҶЕА

Ёдовар мешавем, ки Қобилҷон Алиев 16-уми декабри соли равон дар мактабе дар вилояти Маскав бар пояи “нафрати миллӣ” кушта шуд. (Муфассал дар шумораи гузаштаи “Тоҷикистон” ва сомонаи pressa.tj).

Қобилҷонро хонандаи синфи 9-и ҳамин мактаб Тимофей К. бо корд мусаллаҳ гашта, “аз рӯи ҳисси миллатгароӣ ва нафрат ба намояндагони дигар дину миллатҳо” ба қатл мерасонад.

Дар наворҳое, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн гаштаанд, дида мешавад, ки чӣ тавр ин қотили 15-сола муддати 8-10 дақиқа озодона синф ба синф гашта, муаллимаи ғайрирусеро ҷустуҷӯ мекунад.

Пас аз ин, навраси миллатгарои рус корд дар даст ба як гурӯҳ хонандагони синфҳои поёнӣ наздик шуда, намояндаи кадом миллат буданашонро пурсуҷӯ мекунад. Посбони мактаб кӯшиш мекунад ӯро берун кунад, вале Тимофей посбонро дашноми қабеҳ дода, ба чашмонаш гази ашковар мепошад ва корд мезанад.

Бо дидани ин манзараи ваҳшатнок муаллима ба даҳшат афтода, аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки зудтар ба синфҳояшон дароянд, вале қотил корд дар даст думболи як писарчаи 10-солаи сияҳмӯй медавад ва кӯдакро дарёб карда, бо дашномҳои қабеҳ кордборон мекунад. Баъдан маълум шуд, ки кӯдаки маъсум, ки Қобилҷон Алиев ном дошта, тоҷик будааст, аз захмҳои зиёди корд бар асари хунравӣ дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат расидааст.

Ҳоло кумитаи тафтишоти Русия дар робита ба ин куштор навраси 15-сола ва шаҳрванди Русияро боздошт карда, нисбат ба ӯ бо иттиҳоми куштор ва сӯиқасд ба куштор



(моддаи 105, қисми 3, моддаи 30, қисми 2 Кодекси ҷиноятии Русия) парванда боз карда, бо қарори додгоҳ барои 2 моҳ ба ҳабси пешакӣ гирифт.

ҲОДИСАЕ, КИ КАСЕРО БЕТАРАФ НАГУЗОШТ

Баробари сар задани ин қазия мақомоти Тоҷикистон ин кушторро маҳкум карда, ба мақомоти Русия “нота” ва барои таҳқиқи беғаразонаву саривақтии ҷиноят дархосту мактуб ирсол карданд.

Ин хабар ҷомеаи Тоҷикистонро ба ларза овард. Тайи ҳафтаи охир дар Тоҷикистон нафаре набуд, ки дар ин хусус ҳарф назанад ва барои Қобилҷон гиря накунад. Дар сӯги Қобилҷон шоирон шеърҳо навишта, сарояндаҳо, аз ҷумла Анвар Ахмедов клип сабт карданд. Барои модари Қобилҷон ҳисоби бонкӣ боз шуд ва тоҷикон аз саросари ҷаҳон барои ӯ 1 миллиону 200 ҳазор сомонӣ маблағ ҷамъ оварданд. Варзишгарон ғалабаҳояшонро ба Қобилҷон бахшиданд... Ҳамчунин, блогерон, корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ аз Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Русия таслият баён карданд...

ХОНА БА МОДАРИ ҚОБИЛҶОН

Билохира, 22-юми декабр ба Нилуфар Сафоева, модари Қобилҷон Алиев аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон хона тақдим шуд. Гуфта мешавад, ки хонаи духучрагиро бо супориши Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Тоҷикистон ва раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба модари Қобилҷон ҳадя кардаанд.

Ҳамчунин, гуфта мешавад, ки ӯ бо ҷойи кор таъмин шудааст.

Ҳамчунин, хонаводаи Қобилҷон эълон кардаанд, ки дигар “ба ҷамъоварии маблағ ниёз надоранд ва ҳоло ҳеҷ суратҳисобе барои ҷамъоварии маблағ аз номи онҳо боз нашудааст”.

“Аз ҳамаи онҳое, ки кумак карданд ва мехоҳанд кумак кунанд, сипосгузорем. Дар баробари ин, мехоҳем ҷомеа огоҳ бошад, ки ҳоло ба кумак ниёз надорем ва суратҳисоби бонкие, ки ба номи модари Қобилҷон боз шуда буд, баста аст. Аз ин лиҳоз, хоҳиш мекунем ба ҳеҷ суратҳисоби бонкӣ пул нафиристанд”,- гуфтанд пайвандони Қобилҷон Алиев.

САРИ САБЗ



Ҳафиз РАҲМОН, устоди донишгоҳ ва адабиётшинос

- Ситсерони бузург мегуфт: “Ончунон кишоварзе заминашро кишт мекунад, ҳамон гуна одамон бояд фалсафаи ақлро кишту кор кунанд…”. Аз ин беҳтар Рене Декарт гуфта буд: “Доштани ақл кам аст, истифодааш муҳимтар…”.

- Ҳар кадоме дар навбати худ андешаи олӣ изҳор доштаанд. Аммо, боз як нозукии дигар ва ҳатто асосӣ ҳаст: таваҷҷуҳ ба он, ки кишоварз заминро чӣ гуна кишт мекунад, чӣ мекорад ва чӣ ҳосил мебардорад.



Алишер АБДУЛЛОЕВ, варзишгари муҳорибаҳои омехта

- Муддате Лоиқ ба Русия рафт ва он ҷо карераи варзишиашро идома дод. Мо баъдан ба Қаҳрамонии ҷаҳон ба шаҳри Прагаи Чехия рафтем. Он ҷо як ҳамватанамон пешниҳод кард, ки шароити тамрину зиндагӣ дар Олмон муҳайё мекунад ва бояд аз номи клуби ӯ баромад намоем.

- Дидед, баъди ҳамин мусоҳибаи шумо ба Лоиқ чашми бад расид. Сабаби аслӣ номаълум, вале баъди як ҳафтаи нашри суҳбат ташкилоти “UFC” Лоиқ Раҷабовро аз феҳристи худ хориҷ кард.



Муҳиддини МУЗАФФАР, коргардони филми “Дов”

- Филми “Дов” пас аз сайри ҷаҳон акнун бори аввал дастраси ҳамаи ҳаводорони синамо мешавад. Қаблан, бинандагон онро танҳо дар толорҳои синамоӣ мебиданд. Акнун метавонанд онро дар хонаву коргоҳ ё ҷои дигар нишаста, дар экрани телевизор, компютер ё телефониҳои худ бинанд.

- Ҳммм, ана ҳамин хел, филмҳоятонро аввал ба “сайри ҷаҳон” барореду аввал дигаронро аз лаззаташон баҳравар созед, аз сари забон ки рафтанд, баъди пешниҳоди мо кунед.

Доналд Трамп:

БОВАР МАКУН БА ДӮСТАТ...

(СУҲБАТИ СОЛИНАВӢ БО ПРЕЗИДЕНТИ АМРИКО)



... ВАҚТЕ КИ МАРО БО ДАЪВАТИ САФОРАТИ АМРИКО БА ПОЙГОҲИ АМРИКОӢ ДАР ЯКЕ АЗ КИШВАРҲОИ ШАРҚИ НАЗДИК БУРДАНД (БО ДАРХОСТИ ҶОНИБИ АМРИКО НОМИ ОН КИШВАР ОВАРДА НАМЕШАВАД), ОН ҶО МАРО ЧУН НАФАРЕ, КИ БА КАЙҲОН ПАРВОЗ МЕКУНАД, АЗ ТАШХИСИ ТИББӢ ГУЗАРОНИДАНД. ҲАЙРОН ШУДАМ, КИ ЧАРО ЧУНИН АСТ, АММО БА МАН ТАНҲО ГУФТАНД, КИ ЧУН БА ИНТЕРВЮ БО ДАЪВАТИ ПРЕЗИДЕНТ РОЗӢ ШУДАМ, АКНУН БОЯД БА ҲАМААШ ТОҚАТ КУНАМ. БАЪДТАР МАЪЛУМ ШУД, КИ БАНДАРО БО ТЕЗПАРВОЗТАРИН ТАЙЁРАИ НАВБАРОМАДИ АМРИКОЙ БА ЛОС АНҶЕЛЕС БУРДАНИАНД ВА БАРОИ ИН САЛОМАТИИ ХЕЛЕ ХУБ ЛОЗИМ БУДААСТ.

Инак, ман дар кабинаи тайёраи F-35 (модификатсияи охирин), дар даҳон ҳавокаш ва дар сар кулоҳи лётчикӣ аз болои уқёнуси Ором, ба самти Амрико парвоз дорем. Суръати тайёра чунон тез, ки аз баландии 15 ҳазор метр ба назарам ҷазираҳои сари роҳ мисли тӯби футбол парида мегузаштанд ва мо пас аз 4 соату 12 дақиқа дар майдони ҳарбии ҳавоии Лос Анҷелес нишастем. Хулоса, ман бо сари вазнину мисли шахси контузия гирифта, калавида, ба утоқи пешвозгирии меҳмонони махсус (спецгости) ворид шудам ва он ҷо бо як “Кока-Кола”-и ҳақиқӣ ташнагӣ шикастаму ба мусоҳиба омодагӣ гирифтам. Аммо хабар доданд, ки президенти Амрико узр пеш овардааст, ки имрӯз намояндаи “Точикистон”-ро қабул карда наметавонад, Трамп бо сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла бо ПрезидентиТоҷикистон вохӯрӣ доштааст. Имрӯз ман бояд меҳмони хонадони шахсии худи Трамп, дар виллаи шахсиаш бошам ва суҳбатамонро субҳи барвақт дар он ҷо мегузаронидаем...

Чун вақти мо камтар асту Соли нав наздик аст, дар бораи чӣ тавр меҳмони Трамп ва хонаводаи ӯ шуданам дар фурсати дигар нақл мекунам, ҳоло бошад, матни суҳбати анъанавии худро дар арафи Соли нави мелодӣ бо президенти Амрико Доналд Трамп манзури шумо мегардонам:

- Ҷаноби президент, шумо вақте ки дуюмбора ба ин курсӣ нишастед, дар суҳбат бо банда гуфта будед, ки ин бор дигар ягон ваъдаи беасос намедиҳам. Аммо боз ҳамон қилиқатонро такрор кардед...

- Кадом қилиқамро?

- Гуфтед, ки дар давоми панҷ рӯз ҷанги байни Украина ва Русияро бас мекунонам. Ҳоло аз президентиатон як сол гузашту...

- Охир, Путин ҳам гуфта буд, ки ман дар панҷ рӯз даб-далаи Украинаро мебарорам. Нашуд ку... Мо, президентҳо на ҳамеша он чизеро мегӯем, ки шуданашон имкон дорад...

- Бисёриҳо шуморо бо он гунаҳгор мекунанд, ки чун миллиардер ҳастед, ин ҷанг танҳо ба фоидаи шумо ва дигар сармоядорон аст, аз ин рӯ намеоҳед он хотима ёбад...

- Кӣ гуфт? Исбот кунед...

- Инро ман не, дигар сиёсатшиносон гуфтаанд. Онҳо мегӯянд, ки агар ҷанг бас шавад, таҳримҳо алайҳи нафту гази Русия барҳам мехӯранд ва он гоҳ нафту гази Амрико ба фурӯш намеравад...

- Дарро задам девор кафид, баръакс. Ин ҷо гунаҳгори асосӣ Чин ва Ҳиндустон ҳастанд, ки баъд аз таҳримҳо нафту гази арзоншудаи Русияро мехаранд ва гуноҳро ба сари мо бор мекунанд... Худи кишварҳои аврупоӣ, ки ҳоло зидди Русия амал мекунанд, то ҳол аз ин неъмати худододи Русия истифода мебаранд. Барои ҳамин, ман ин ҷангро дар панҷ рӯз он тараф истад, дар панҷ сол ҳам бас кунонида наметавонам...

- Ҳақи гапро гуфтед. Яъне мардуми одӣ ва сарбозу генералҳо ҳама имрӯз побанди чанд миллионеру миллиардер шудаанду ба хотири манфиатҳои онҳо қурбон мешаванд...

- Бале, кам-кам сиёсати ҷаҳониро дарк карда истодаӣ.

- Аммо боз шуморо президенти Венесуэла ҷаноби Мадуро пират (роҳзани баҳрӣ) мегӯяд. Магар чунин унвон ба Дона-ако (шуморо баъзе тоҷикон чунин ном мебаранд) мезебад?

- Не, албатта. Аммо агар он Мадуро бозори Амрикоро бо кокаин (як навъ мухаддирот, ба мисли нашъа) пур намекард, ман ба ӯ кор надоштам...

- Пас, чаро киштиҳои нафткашии ӯро ҳам мезанед? Магар нафт ҳам кокаин аст?

- Эй, гӯш кун, ба гуфти раҳматии Аловудин Абдуллоев, ту чӯраи манӣ ё чӯраи хирс?

- Тоҷикон мегӯянд, “дӯст гӯяд табарвор...”. Ана боз як саволе, ки рӯ ба рӯ аз шумо пурсиданиам. Чаро ҳоло бозии “Грин корт”-ро манъ кардед ва умуман шумо нисбати муҳоҷирон, мулоим карда гӯем, хушбин нестед? Тавре дар мусоҳибаҳои гузашта гуфта будем ва худатон низ эътироф карда будед, магар гузаштагони худатон аз мӯйзардҳои суғдӣ набуданд?

- Бале, аммо ҳоло Амрико аз тамоми намуди пӯсту рангу чашму..., хулоса аз ҳамаи ирқу нажод дорад ва дигар ин дег намебарад... мисли деги палови тоҷикӣ пур шудааст.

- Чин якуним миллиардро мехӯронаду мепӯшонад ку...

- Аммо нисфаш боз дар Амрико. Бовар кун чӯра, масалан дар Чайна Тауни Ню Йорк нафароне ҳастанд, ки таваллуд мешаванду пир мегарданд, вале забони англисиро наомӯхта, то охири умр зиндагӣ мекунанд... Ман намехоҳам, ки Амрико чинӣ ё мексикоӣ шавад. Тоҷикӣ шавад, майлаш...

- Кашиши хун дия... Аммо боз як саволи дигаре дорам, ки шояд шуморо нороҳат кунад. Саволам вобаста ба занҳост...

- Ман онҳоро мисли дигар мардҳо хеле дӯст медорам. Хуш, ман интизори савол...

- Чаро аз парванда ва ё тавре дар шумо мегӯянд, аз навиштаҳо дар бораи Эпштейн (миллионере, ки шахсони баландпояро, ки бо духтарони ноболиғ якҷо мекард ва баъдан худро дар маҳбас овехта буд) дар Вазорати адлия аксҳои якҷояи шумо бо занон ғайб задааст?

- Ту аз ҳамин хабарнигорони амрикоӣ ҳам гузарондӣ... Ман президентам, на архивбон. Инро аз худашон пурс...

- Ана, нагуфтам, ки савол вазнин аст... Агар ман онро намедодам, дӯстатон - бойтарин одами сайёра - Илон Маск хафа мешуд, ки аввалин шуда, дар ин бора пас аз ронда шуданаш аз Кохи Сафед гуфта буд.

- Ман барои он тоҷиконро дӯст медорам, ки зарбулмасалу мақолҳои нишонрас доранд. Ана дар бораи ана ҳамин Маск гуфтаанд, ки “Бовар макун ба дӯстат, коҳ ҷой кунад ба пӯстат...”. Ман ба гуфти онҳо надаромада, масхара шудам...

- Чун Соли нав дар пеш аст, дигар аз додани чунин саволҳои лағжонак худдорӣ мекунам ва танҳо аз масъалаҳои марбут ба сиёсат савол хоҳам дод. Баргардем ба Украина...

- Не намеравем, он ҷо ҷанг аст...

- Ман рафтани маҷозиро гуфтам. Аммо агар бе ҳазл гӯем, оё шумо метавонед дар рӯзҳои барои мардум хуш, яъне ҷашнӣ, ақаллан чанд рӯз оташбасро бо ҳарду ҷониб маслиҳат кунед ва дар ин рӯзҳо одамон қурбон нашаванд?

- Мебинем, ин пешниҳоди туро ҳатман ба ҷонибҳои даргир мерасонам.

- Ин пешниҳод танҳо аз ман нест, балки аз ҳамаи инсонҳост. Зеро мо ба шумо умед доштем, ки ҷангҳоро хотима мебахшед.

- Ман қариб 10 ҷангро хотима додам. Ҷанги Эрону Исроилро тамом кардам. Ҷанги...

- Ҷанги Русияву Украина...

- Э чаро ин қадар ба ҷанги Украина часпидӣ? Аслан ин ҷанг ба шумо тоҷикҳо чӣ дахл дорад?

- Чаро дахл надоштааст. Якум “Банӣ одам аъзои якдигаранд...”, дуюм, як тарафи ҷанг шарики стратегии мост ва муҳоҷирони мо дар он кишвар ҳастанд...

- ... ва сабаби дигар, тоҷикони зиёде дар Украина дар майдони ҷанг қарор доранд. Даҳҳо ҷавони тоҷик фавтиданду ба хок рафтанд... Гап зан журналист, чизеро аз ман пинҳон накун. Ҳама маълумот дар ман ҳаст.

- Рост, вале мо омори дақиқ надорем...

- Ман чунин оморро дорам. Ном ба ном. Ҳозир... Э биё, дар арафаи Соли нав табъи мардумро хира накунем...

- Бошад.

Ёвари Трамп ишора кард, ки вақти барои суҳбат чудошуда ба анҷом расид. Трамп аз ҷой нимхез шуд, ки пурсидам:

- Рафиқ Трамп, суоли охирон.

- Ман барои сулҳи Русия ва Украина талошамро давом хоҳам дод...

- Не, суоли ман дар бораи тоҷикон аст. Грин-кортро бастед, онҳо чӣ тавр ба Амрико меоянд?

- Грин-корт тасмими муваққатист. Худо хоҳад, байни Амрико ва Тоҷикистон визаро барҳам медиҳам. Тоҷикон кай вақте хоҳанд, бо тайёраи F-35 дар 4 соат ба Амрико меоянд...

- Кай?

- Дунё ба умед. Умедвор шав, Ҳоҷӣ...

- Дар бораи ҳаҷ рафтани ман ҳам маълумот доред?

- Не, фақат медонам, ки дар хиёбонҳои Душанбе одами аз 50-сола болоро Ҳоҷӣ мегӯянд...

- Шумо инро аз кучо медонед?

- Маро дар Душанбеву Варзоб фақат Ҳоҷӣ мегӯянд...

- Ҷаноби Трамп...

- Дар ин хусус баъдан суҳбат мекунем... Ҳозир хайр, Ҳоҷӣ.

Ҳоҷӣ Абдумудассир АҲМАДЗОДА
Душанбе - Лос Анҷелес - Душанбе

АЗ СОЛИ НАВ ДАСТ КАШЕМ?

Чаро мухолифони ин ҷашн меафзоянд?

Ҳамасола дар арафаи Соли нави мелодӣ (тақвимӣ) дар ҷомеаи Тоҷикистон, ки зиёда аз 90%-и онро мусулмонон ташкил медиҳанд, сарусадо бармехезад, ки оё дини ислом тағлили ин рӯзро ҷоиз медонад ё на? Имсол низ дар остонаи Соли нав мо ба ин суол посух ҷустем.



ИДИ МУСАЛМОНОН

Мухолифони тағлили Соли нав бар онанд, ки Соли нав аз мусулмонҳо нест. Мусулмон ду ид дорад - Қурбон ва Рамазон, ин Соли нав мавлуди Исои Масеҳ аст, ки ба мусулмонон рабт надорад. Чун ин мавъизаҳо чанд сол аст дар YouTube чарх мезананд, бисёре аз сокинони кишвари мо аз тағлили Соли нав худдорӣ мекунанд.

Барои мисол яке аз корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ менависад:

«Ман Соли навро ҷашн намегирам, зеро ин ид ба дини мо ягон робита надорад. Асли пайдоиши Соли нав аз даврони бисёрхудоӣ мондааст. Арчаро оро додан ҳам аз ҳамон давру замон аст, ки одамон дар фасли зимистон сабзии арчаро дида, хурсанд шуда, онро ба ҳайси Худои худ қабул мекарданд ва ба наздаш тухфаҳо мегузоштанд. Аслан ҷашн гирифтани он шояд гуноҳ набошад. Фикр мекунам, ҳамааш ба нияти худи инсон вобаста аст. Лекин беҳтараш аз анъанаҳои бегона дур шавӣ».

ШАРҲИ МУФТӢ

Сайидмукаррам Абдулқодирзода, раиси Шурои уламои Маркази исломии Тоҷикистон дар мавриди тағлили Соли нави масеҳӣ чунин андеша дорад: «Соли нав ҷашни динӣ нест, вале онро ҳамчун шуруъшавии сол ҷашн гирифтан мумкин аст. Мувофиқи шариати исломӣ ҳар идеро, ки он ба ақидаи исломӣ ва ба шариати ислом ё ин ки ба фармудаҳои Худованд ягон мухолифат надорад, метавон ҷашн гирифт. Хусусан дар мазҳаби имом Ҳанифа - ҳар урфе, ки ба шариати исломӣ муқобил ва мухолиф нест, аз нуқтаи назари илмӣ боке надорад, яъне кори гуноҳе нест».

ИМОМХАТИБ: «СОЛИ НАВРО ҶАШН ГИРЕД!»

Назарҳо нисбати тағлили Соли нав мухталиф аст. Бешарти рӯҳониёни тоҷик ҳамоно муқобили тағлили ин ҷашн ҳастанд ва ё посухи духӯра медиҳанд. Вале ба гуфтаи ҷомеашиносон, ин ҳам ба ҳаёти мардуми мо таъсир мерасонад. Ҳатто ба ҳамин сабаб, ки ҳар сол дар ин рӯзҳо ҳамаи мардум ба ҳам ба ҳамин муносибат табрику таҳният мефиристанд, ҳатто ба ҳамдигар ҳадя медиҳанд, ки ин ҳам ба ҳаёти иҷтимоии мардум таъсир мерасонад.

Ҳамчунин, ба ақидаи ҷомеашиносон,



МАРДЕ ШОИСТА ВА ЗИЁИЕ ИСТИСНОӢ

ё достони ғаму шодӣ

(Идома аз шумораи гузашта)

Ва илова мекунад:

– Ин фақир медонам, ки устод Салмон шахси хирадманду доност. Мардуми Қазвин ба ин бовараанд, ки шояд шеъри мазкурро завқаи эшон сароида бошанд.

Салмони Совачӣ ба дурустӣ дарк мекунад, ки ҳамсуҳбати ӯ ҳамон Убайди Зоконист, ки дар лутфу мутоиба ӯро ҳамто нест. Эҳсос менамояд, ки ба эшон қитъаи ӯ расидааст. Ва ин порчаи шеърӣ посух ба ҳамон қитъаи дар ҳаққи Убайд навиштаи ӯст.

Ман аз ин суҳбат хеле ҳаловат бурдам. Чун ба Қазвин расидем, дар сароғи деҳаи Зокон шудем. Мақсад – зиёрати макони тавлиди бузургвор Убайдуллоҳ буд, ки номи он деҳро ба исми худ пайваста, машҳури олам карда.

Мутаассифона, дар шаҳри Қазвин на ягон кас номи ин шоири оламшумулро медонист ва на мавзееро бо номи Зокон.

Профессор Мусулмониён бо тааҷҷуби зиёд ва содагии олимона аз ҳар каси роҳрави Қазвин, агар ӯро босалобат дарёфт мекард, мепурсид. Вақте онҳо ба саволҳои марбут посух дода наметавонистанд, бо ҳаяҷон:

– О, бародар! Наход шумо Убайдуллоҳи Зокониро нашиносед, наход макони зиндагии ӯро, ки ҳамшаҳрии шумост, надонед, – мегуфт.

Гоҳо аз ин шоири номвар порчаҳои шеърӣ мехонд. Гоҳо латифаҳо мегуфт. Аммо ҳайҳот. Гӯё қазвиниҳо қасам хӯрда бошанд, ки сар раваду сир наравад. Дар посухи суол китф дарҳам мекашиданд.

Оқибат, Раҳими Мусулмониён маъюс гашта, омада бо сари хам дар мошин нишаст. Фармон дод:

– Ба сӯйи бинои шаҳрдор ҳай кун!

Касеро пурсидам. Нишони маъмурияти шаҳрро гуфт. Дар он тарафи шаҳр, аз мавзеи истодагии мо дар масофаи тахмин 3-4 км будааст. Мо ба он самт ҳаракат кардем. Муаллим аз ин муколамаи бенатиҷа сахт ошуфта шуда, чанд маротиб худ ба худ: «афсӯс, бехирадӣ, бедонишӣ, бехабарӣ, ҳазор ҳайф, ҳазорон ҳайф», – гуфта монд.

ҶОН МИСОЛИ ШИША АСТУ ИЛМ МОНАНДИ ЧАРОҒ

Аммо ман аз чунин вокуниш ҳайрон нашудам. Дар тааҷҷуб ҳам намондам. Ин дам аз пеши назарам як лаҳзаи сафари худам ба шаҳри Исфаҳон гузашт. Мақсади ташриф вохӯрӣ бо донишҷӯёни тоҷик буд.

Аз фурудгоҳ як мошини кирояи «Пайкон»-ро гирифта, ба ронандаи он, ки марди тахмин 50 - 55-сола буд, ҳадафро гуфтам.

Ронанда бахши донишгоҳи байналмилалиро намедониста-аст. Тибқи харита, кӯшиш кардам хатсайрро фаҳмонам. Чун роҳ тулонӣ афтода буд, дар хусуси аз Исфаҳон будани падари Ҳофизи Шерозӣ, бо ҳамроҳии завқааш ба Шероз рафтан ва дар он ҷо таваллуд шудани Шамсиддин, ки баъдан бо номи Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ машҳур гаштааст, нақл кардам. Ба умеди он ки шояд сокини шаҳри Исфаҳон чизе илова намояд ба гуфтаи мо, хатсайр кӯтаҳ шавад ва ҳамраҳӣ «маънӣ» пайдо кунад.

Аммо аз ронанда сару садое намебаромад. Пурра машғули кофтукови макони манзури мусофир буд.

Ман хостам абёте ба тафсири ҳолқия, мисли пиёдачақчақ аз Ҳофиз ёдовар шавам, то хотири марди исфаҳонӣ, ки падари паёмбарони шеъри тоҷикӣ – форсӣ ҳамшаҳрии ӯст, шод гардад:

Ба шеъри Ҳофизи Шероз
механанду мерақсанд,
Сиёҳчашмони кашмириву
туркони самарқандӣ.

Аз ронанда вокунише берун наомад. Шеъри дигареро наздик ба аҳволи мардуми одӣ хондам:

Шоҳидон дар ҷилваю
ман шармсори кисаам,
Бори ишқи муфлисӣ
ҳайф асту мебояд кашид.

Аммо аз сокини шаҳри Исфаҳон ишорае ба дарки маънӣ шунида нашуд. Ахиран, як байти ғазали машҳурро хондам:

Агар он турки шерозӣ ба
даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам
Самарқанду Бухороро.

Ронанда, гӯё ки ҳамаи инро намешунид. Баръакс, хавотир буд. Оқибат, ба ман гуфт:

– Бе фекрам, ма роҳру гом кардим. Шома бо хате форсӣ баладид? Ун ҷа че навиште шоде? – гуфта, ба як иморати баланд, ки дар болои он ба андозаи якметрӣ ҳарфҳо сабт шуда буд, ишора намуд ва аз ман пурсид.

Навиштаҷот мушкил надошт. Тез онро хондам.

– Вах, воғиан, ма дер ун месир нистим, – гуфт ба ошуфтагӣ ронанда.

– Оғо, биноии Шумо чӣ тавр аст, ки ҳарфҳои бузургро намебинед, аммо иҷозати ронандагӣ доред? – бо хавотирӣ пурсидам ман.

Ронанда дар як кунҷи роҳ мошинро нигоҳ дошт ва оромона ба ман:

– Оғо, моли кучастӣ? – гуфта пурсид.

– Тоҷикистон, – посух додам ман.

– Бебин, эзизи делам, мотеваҷеҳ шодам, ки Шома тачек ҳастид. Ашъори Ҳофизру ғироет кардид. Аммо маро гунгу кар дарёфтид. Оре, ҳамин чуре. Ман не мишонавам ва не мибинам. Омри мен дар ғеми йек бориде нон гозашт. Аз бачегӣ то ҳол. Ман хатту севод недорам. Аге бе ҷайи ман мебудид, Шома ҳам хеминчӯрӣ мешодид дигэ. Кетобру бе шеками сир мехунанд. Дорост?!!! Шониде бодам, ке кешвари Шома шуроҳо кофармичозе, аммо одампервере. Нетичаи онру Шома доред нешун мидид. Моро дар дилетун мазаммат наконид. Экнун, шеърхунӣ бас! Ҳар эсми хиёбану эморатру бихунед, ке ман мотаваҷеҳ шавам, то коча ҳастим ва коча дорем мирим.

Баъдан ин ронанда тафсир намуд, ки барои ҳадди ақал чойи кор пайдо кардан, хукумат барои мардуми бесавод, даврахои кӯтоҳмуддати ронандагӣ мекушодаанд. Дар онҳо на савод, чаро ки омӯзонидани он мушкил аст, замону макон ва маблағ мехоҳад, балки тарзу усули ронандагӣ ва аломатҳои роҳро нишон медода будаанду халос.

Бо ин хаёлот ману профессор Мусулмониён ба бинои ҳукумати шаҳри Қазвин расидем.

Он ҷо ба суоли мо посух доданд, ки чунин деҳа бар асари хушк шудани чашмаҳое, ки боиси зист дар он маҳал будааст, тақрибан дусад сол қабл мавҷудияти худро аз ҷабри табиат қатъ кардааст.

Ноилоҷ ба масири худ идома додем.

ШУНИДАН КАЙ БУВАД МОНАНДИ ДИДАН

Наздикии шом ба шаҳри Ҳамадон расидем. Қарор додем, ки истироҳат кунем ва субҳи рӯзи дигар оромгоҳи Шайхурраис Абуалӣ ибни Синоро зиёрат намуда, баъд корҳои хизматиро анҷом бидиҳем.

Номи шаҳри Ҳамадон барои мардуми Тоҷикистон аз унвон ва мартабаи мубораки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ машҳур буда, аз эҳтироми махсус нисбат ба он ҷаноб бархӯрдор аст. Чун вақти говгум ба чанд меҳмонхонае мурочиат кардем, эҳтиромона посухи «оғоюн, маъзарати зиёд, ҷой нист»-ро шунидем.

Дар меҳмонхонаи чорум ё панҷум профессор Мусулмониён шӯрид ва гуфт:

– Шумо дигар корти дипломатии худро нишон надиҳед. Ман масъаларо ҳал мекунам.

Розӣ шудам.

Устод пеш даромад. Хост бо як дарси таъриху адабиёт мушкили моро ҳаллу фасл кунад:

– Азизи ҷони бародар, – мурочиат кард ӯ ба меҳмондор, – мо аз Тоҷикистон, аз диёре ба Ҳамадон, ба ин шаҳри таърихӣ ва ҳамешачавон ташриф овардем, ки он ҷо оромгоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонист.

Мардуми кишвари мо пеш аз он ки ба зиёрати Маккаи Мунаввара азми сафар намоянд, аввал марқади ин шахсияти бузургро сачда мекунанд, то ҳаччашон қабул шавад.

Меҳмондор:

– Арзам хидмататун, шома аз ма чӣ мехаҳид? Маге чойи хоб дархост надорид? – гуфта, пурсид.

– Оре, муддао ин аст! – ҳозирҷавобӣ кард, профессор.

– Нист, сад маъзарат михом, ҷойи хоб нист! – гуфт бо эҳтиром, аммо қотеона меҳмондор.

Профессор паст наомад:

– О бародар, мо аз маконе ҳастем, ки оромгоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ он ҷост. Мардуми мо ин шахсияти бузургро Амири Ҳамадон гӯянд. Эшон аз мулки шумо ба Кӯлоби мо чун мусофири рахгузар ташриф овардаанд. Аммо ҳамватанони мо он касро дар мамлакати худ амир интихоб намуданд. Як мулки зебову сарсабзу хуррамро ба эшон ҳадя карданд. Баъди фавташон мақбараи боҳашамат дар боғи маркази шаҳр барои худи ин бузургвор ва авлодашон бунёд намуданд. Ҳоло ба ин мазор ташриф бурда, шабу рӯз гиряву нола, зориву дуо ба сидқи он ҳазрат арзонӣ медоранд. Ва ин садоқату амали мо нисбат ба эшон наздики шашсад сол аст, идома дорад. Наход шумо ба сафири мамлакати мо ва ба худи ман, ки профессори як донишгоҳи маъруф ҳастам, бар ивази шашсад соли эҳтирому бузургдорӣ, бо пули худамон ба муддати як шаб ҷойи хоб надиҳед.

Меҳмондор, ки ба кори худ саргарму саргардон буд, андак дар ғазаб шуд:

– Оғо, ман ҳамчонин шахсеру, ки шома доред мегед, аслан немишиносамшун ва ба ун коре ҳам недорам. Шома равед, сечдаи худро дар он даргохетун идома бидид! Аге шома аз мо чойи зист талаб дорид, нистш, – гуфт. Ӯ ба ҳар ҳол кӯшиш кард, ки ғазаби худро нисбат ба ин содагии мо зиёд нишон надиҳад.

Ин замон дидам, охунде аз ман ҷавонтар, бо либоси озода, саллаи сиёҳ, риши сиёҳ, ҷомаи сиёҳ бо хонуми ҷавони сар то ба по печидаи сиёҳ ва як писарбачаи хурди зебои сарсиёҳ ба толори бузурги меҳмонхона, ки воқеан, рангаш сиёҳ буд, ворид шуданд. Ман фикр кардам, ки ин охирин имкон аст. Беихтиёр назди он охунд давидам. Маъзарат пурсидам. Ва изҳор доштам:

Додгаро, фалак туро
чуръакаши пиёла бод,
Душмани дилсиёҳи ту
ғарқа ба хун чу лола бод.

Ва арзи хидмат кардам:

– Волоҳазрато, мусаллам аст, ки Шумо шахсияти бофазилати мазҳабӣ ҳастед. Мо ду нафар мусофири тоҷикистонӣ аз маконе ба Ҳамадон ташриф овардем, ки он ҷо зиёратгоҳи Мир Сайид Алӣ, бузургворе ҳаст ва ба қавли эшон ба ҳабдаҳ пушт насаб ба ҳазрати Расул пайванд. Шашсад сол аст, ки ин бузургвори ғариб меҳмони кишвари мост. Аммо мо ба шаҳри эшон меҳмонӣ барои як шаб омадему наметавонем ҷойи хоб пайдо кард.

Охунд, ҷавон ҳам бошад, оқилу зарофатфаҳм будааст. Инро шунида, табассум кард. Бо пешонии худ ба меҳмондор, ки бо пайдо шудани ӯ бо лабҳои пурхандаи чоплусона дандонҳои зарди худро ошкор карда буд, ишораи сабуки омиронаи «ин ҷо биё» кард.

Меҳмондор чорқат шуда, давида назди охунд омад. Охунд сӯйи чоплус қавоқ баркашид ва бидуни он ки чизе гӯяд, ду ангушти дасти росташро нишон дода, баъд онро ба як мубаддал сохт. Яъне ду манзил чудо кунед, яккасӣ.

Меҳмондор дуқад шуда, қафонокӣ рафта, қариб дар курсӣ бармехӯрд, базӯр тавозун нигоҳ дошта, дар ҷойи худ рост истод ва бо нигоҳу таъзим охунди ҷавонро то ғайб задан гусел кард.

Баъди рафтани он ҳумоюнқадами фархундапай, бо қошу қавоқ барои мо ду хонаро рӯйи истифода қарор дод.

Профессор табассуми қаноатмандона карду:

– Аз арвоҳи хеши ҳазрати Пайғамбар як охунди зинда зӯртар будааст, – гуфт.

(Давомаш дар саҳ. 11)



Шарофат Рашидова:

ВАҚТЕ МЕРАҚСӢ, ҲАМА ЧИЗ ФАРОМӮШ МЕШАВАД!

ТИРАМОҲИ СОЛИ РАВОН БА ШАРОФАТИ УСТОДИ РОҲНАМОЯМ РАФАЭЛ НЕКТАЛОВ БАРОЯМ НАСИБ ГАРДИД, КИ БО ЯК ЗАНИ ҒАЙРИОДӢ - ШАРОФАТ РАШИДОВА ШИНОС ШАВАМ. Ӯ ТАҶАССУМИ НОЗУКӢ ВА НЕРӮ АСТ. ДАР ҲАР ҲАРАКАТИ БОЛАТОФАТ ВА ДИЛРАБОИ Ӯ ЭҲТИРОМИ АМИҚ НИСБАТ БА ФАРҲАНГ ВА АНЪАНАҲО ЭҲСОС МЕШАВАД. ШАРОФАТ РАШИДОВА НА ТАНҲО КОРГАРДОН ВА УСТОДИ РАҚС, БАЛКИ МУРАББИЕСТ, КИ МЕТАВОНАД РӮҲИ ҲАР ЯК ШОГИРДРО БЕДОР СОЗАД.

ПАЙРОҲАИ ҲУНАР

Соли 1963, пас аз пирӯзии дурахшон дар озмуни ҷумҳуриявии ҳунарҳои мардумӣ, Шарофат Рашидова ба Филармонияи давлатии Тоҷикистон даъват гардид. Дар он ҷо таҳти роҳбарии устодони саҳна ӯ маҳорати рақсии худро сайқал дода, истеъдодашро ба ҳунари ҳақиқӣ табдил дод.

Аз соли 1965 то 1991 Шарофат Рашидова раққосаи пешбари Ансамбли давлатии машҳури «Лола» буд. Дар солҳои 1993-2001 ӯ ба ҳайси роҳбари гурӯҳи рақсии Кумитаи телевизион ва радиои ҷумҳурӣ фаъолият намуда, бо намунаи шахсии худ насли ҷавони ҳунармандонро илҳом мебахшид.

Аз соли 2002 инҷониб Рашидова муассис ва роҳбари бадеии Театри мустақили тафрибавии кӯдаконаи «Падида» мебошад, ки мактаби ҳунарии нодир барои тарбияи истеъдодҳо дар Тоҷикистон аст.

Латофати фитрии саҳнавӣ, меҳнатдӯстӣ ва талоши пайваста ба камол ӯро ба қуллаҳои баланди маҳорати ҳақиқӣ расонд.

Дар баробари рақсҳои классикии миллӣ, аз ҷумла «Гулузорам», «Помирӣ», «Муноҷот», «Парвона», «Роҳат», «Ҷигарпора», «Боғоро», «Ларзон» ва ғайра Шарофат Рашидова бо завқи баланд ва ҳисси нозуки ритм рақсҳои халқҳои гуногуни ҷаҳон - лезгинка, рақсҳои арабӣ, ҳиндӣ, русӣ, ӯзбекӣ, туркманӣ ва дигаронро низ моҳирона ичро мекард.

Ӯ солҳои зиёд дар як саҳна бо Ҳунарпешаи халқии Иттиҳоди Шуравӣ Малика Калонтарова ҳунарнамоӣ намудааст, ки вай низ истеъдод ва маҳорати рақсии Шарофат Рашидоваро баланд арзёбӣ мекунад.

Саҳми ӯ дар рушди санъати хореографии тоҷик ва тарбияи иҷрокунандагони ҷавон бениҳоят бузург аст.

Ин ҳунарманд дар кишварҳои зиёде бо муваффақият ҳунарнамоӣ карда, фарҳанги ғании халқи худро дар саҳнаи ҷаҳонӣ бо ифтихор муаррифӣ намудааст.

ПАДИДАИ ҲУНАРӢ

«Падида» дар забони тоҷикӣ ба маънои «феномен, ҳодисаи вижа ва рӯйдод» аст. Ин вожа чизеро ифода мекунад, ки нав, ғайриодӣ ё шоёни таваҷҷуҳ мебошад. Ман ҳамеша дар ҳайрат будам, ки то чӣ андоза дақиқ номи ин ансамбли рақсии беназирро интихоб кардаанд, ансамбле, ки дар фарҳанги рақсии мо ҳамто надорад.

Мо ба студияи ансамбли «Падида» дар шаҳри Душанбе ворид шудем, ки дар айвони афсонавӣ ҷойгир аст ва ҳамон лаҳза фазои ғайриодиро эҳсос намудем, нури офтоб аз матоъҳои нақшдор бар деворҳо шуъла мепошид, сояҳо оромона бар фарш мелағжиданд, ҳаво бошад, аз бӯи баҳории Тоҷикистон форам буд. Студия пур аз созҳои миллии мусиқӣ - рубобу доира ва таблакҳо буд, ки гӯё ҳар лаҳза бо садои мусиқӣ зинда мешуд. Деворҳоро асарҳои рассомони тоҷик оро медоданд.

Мактаб - студияи Шарофат Рашидова мисли қасри афсонавӣ аст. Деворҳо бо матоъҳои рангоранг ва нақшу нигорҳои зебои тоҷикӣ оро ёфтаанд, дар рафҳо бошад, созҳои кӯҳани мусиқӣ гузошта шуда, гӯё саргузаштҳои наслҳои гузаштаро бозгӯ мекарданд.

Моро хеле гарм ва самимона роҳбари ансамбл Шарофат Рашидова истиқбол намуд. Духтарони раққоса бо чашмони дурахшон ба назди мо давида омаданд ва бо шавқ нақл мекарданд, ки то чӣ андоза рақсро дӯст медоранд. Ҳамаи онҳо қадбаланд, нозукандом ва зебо буданд, яке аз дигаре зеботар. Чашмонашон аз шодӣ медурахшид ва овозҳояшон фазоро бо нерӯ пур мекард.

- Мутаассифона, мо дер аз сафари шумо бохабар шудем ва натавонистем ҳамаи аъзои ансамблро ҷамъ кунем,- гуфт Шарофат Рашидова. “Шояд баъзе аз шогирдони мо дертар биёянд. Як бор рақсро зинда дидан бехтар аз сад бор тамошо кардан дар YouTube аст»,- илова кард ӯ.

«Вақте мерақсӣ, ҳама чизро фаромӯш мекунӣ. Танҳо мусиқӣ мемонад, танҳо ҳаракат ва рӯҳе, ки дар як ҷисм ба ҳам мепайванданд»,- чунин шарҳ дод муаллим ва коргардони рақс Шарофат Рашидова.

Ӯ ба назди дастгоҳи мусиқӣ рафт ва бо ишораи ӯ намоиши сеҳромез оғоз ёфт.

Нахуст мо рақси суғдиро дидем. Духтарон бар фарш ҳамвору мулоим мелағжиданд, мисли чӯйборе, ки дар миёни боғҳои Суғди бостонӣ ҷорӣ аст. Ҳар ҳаракат ва мусиқӣ равон буд... Дастҳо камонҳои сабук мекашиданд, қоматҳо бо навои доира ҳамоҳанг мешуданд, чашмҳо оромиш ва ҳамоҳангиро ифода мекарданд. Ҳама чиз гӯё ҳамзамон аз нур ва мусиқӣ пур буд, чунон менамуд, ки худи рақс оҳанг меофарад.

Сипас, фазои студияро оҳангҳои бадахшонӣ фаро гирифтанд. Раққосаҳо фазоро кушоданд, ҳаракатҳои пуркувват дастҳо, ҷаҳишҳои баланд, гардишҳои сабуки қомат. Ҳаракатҳо боҳашаммат ва озод буданд, гӯё нафаси қуллаҳои кӯҳистон. Ман насими сарди Помирро эҳсос кардам, тобиши офтобро бар рӯи пиряхҳо дидам ва дилам дар ҳамоҳангӣ бо ритми рақси онҳо метапид. Дар ин ҷо ҳар як латофат, ҳар як қадам аз қудрат ва зебоии баландкӯҳ қисса мекард.

Вақте навоҳои кӯлобӣ танинандоз шуданд, фазо идона ва шод гашт. Солисти ансамбл ба пеш баромада, маҳорати худро нишон дод. Духтарон бо шавқу завқ ҳаракатҳои ӯро такрор мекарданд, қадамҳои тез, гардишҳои чилодор, сабукӣ дар ҳар ишора. Ханда, дурахши чашмон, ҳаракатҳои нишотовар... гӯӣ худи студия низ ҳамроҳи онҳо мерақсад.

«Лазги» дурахши ниҳоиро илова кард, ҳаракатҳои тези бурро ва пурэнержӣ, мисли шарораҳои офтоб бар рӯи об, тамоми фазоро ба ларза меоварданд.

РАҚСҲОИ МАРДОНА МАНЗАРАРО БА АНҶОМ РАСОНИДАНД…

Мардон бо куртаҳои сафед, бо миёнбандҳои «якабанд» ва токӣ бар сар, ҳаракатҳои дақиқ ва пурҷозиба ичро мекарданд. Ҳар қадам, ҳар ҷаҳишу гардиш боэътимод ва бошукӯҳ буд. Энержӣ, қувва ва пластикаи онҳо эҳсоси ид ва азаммати хосро ба вуҷуд меовард, гӯё тавассути ҳар ҳаракат таърихи як миллатро қисса мекарданд.

Пас аз хомӯш шудани мусиқӣ, мо барои ёдгорӣ бо духтарони раққоса ва устоди муҳтарами онҳо Шарофат Рашидова акс гирифтем.

Ман дергоҳ гармии студия, шодии раққосаҳо ва оҳангеро эҳсос мекардам, ки гӯё дар ҳаво бокӣ монда буд. Ансамбли «Падида» на танҳо рақсҳои миллиро ҳифз мекунад, балки онҳоро ба таърихи зинда, ба ҷашни ҳаракатҳои зебо табдил медиҳад, ҷашне, ки фаромӯшнопазир аст.

Дар анҷом, Шарофати муҳтарам ба меҳмон - Рафаэл Борисович Некталов сӯзанӣ тақдим намуд.

«Ман кайҳо боз дар интернет рушди ин ансамбли аҷиби рақсиро пайгирӣ мекунам, ки аз бисёр ҷиҳат аз ансамблҳои фолклории Тоҷикистон ва Ӯзбекистон фарқ мекунад,- гуфт ӯ вақти қабули ҳадя ва идома дод,- ҳамаи рақамҳо, бахусус бо иштироки ҳайати мардона, воқеан муосир ҳастанд ва ин пеш аз ҳама хизмати устоди хореограф Шарофат Рашидова аст, ки худ ҳамеша таҷассуми рақси занонаи тоҷик мебошад».

Рафаэл Борисович ҳамчунин таъкид кард, ки худи мавҷудияти ансамблҳои рақсӣ дар Тоҷикистон ӯро шод мегардонад, зеро на ҳамеша волидон розӣ мешаванд духтаронашонро ба чунин мактабҳо диҳанд, бахусус дар ҷомеаи суннатӣ, ки касби мусиқӣ ва рақс барои духтарон на ҳамеша истиқбол мешавад.

«Ансамбли шумо варақаи муаррифии Тоҷикистони нав аст!»,- гуфт ҷаноби Некталов дар анҷом ва ансамблро ба сафари ҳунарӣ ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар рӯзҳои таҷлили ҷашни «Наврӯз» даъват намуд.

Бо эҳсосоти хуш ва хотираҳои шодмон, мо Театр-студияи «Падида»-ро бо орзуи он тарк кардем, ки рақсҳои миллии худро дар ичрои ин театри олиҷаноб дар саҳнаҳои Ню-Йорк, Филаделфия ва Майами - он ҷойҳое, ки имрӯз бисёр ҳамватанони мо зиндагӣ мекунанд, бубинем.

Фарангис ШАРИФЗОДА,
рӯзномаи “Bukhariantimes”,
Амрико



Ҳоҷимуҳаммад Умаров:

ТОҶИКИСТОН БА ДУ ИСЛОҲОТИ

ҲОҶИМУҲАММАД УМАРОВ ЯКЕ АЗ ШИНОХТАТАРИН ИҚТИСОДДОНҲОИ ТОҶИКИСТОН БА ШУМОР МЕРАВАД. Ӯ СОЛҲОИ ТӮЛОНИСТ, КИ МАСЪАЛАҲОИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОИИ КИШВАРРО ТАҲЛИЛ МЕНАМОЯД. ҲОЛО НИЗ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ ВА ТАЪЛИМИИ ХУДРО ДАР ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН ИДОМА МЕДИҲАД. ПРОФЕССОР УМАРОВ МУАЛЛИФИ БЕШ АЗ 640 АСАРИ ИЛМӢ БУДА, ТАҲЛИЛҲОЯШ ҲАМЕША МАВРИДИ ТАВАҶҶУҲИ ДОИРАҲОИ ИЛМӢ ВА СИЁСӢ ҚАРОР МЕГИРАНД. ДАР АРАФАИ СОЛИ НАВ БО УСТОД ҲОҶИМУҲАММАД УМАРОВ СУҲБАТ АНҶОМ ДОДЕМ, КИ ФИШУРДАИ ОН МАНЗУРИ ХОНАНДАГОН МЕГАРДАД.



ВАЗЪИ ИМРӮЗАИ ИҚТИСОД

- Шумо солҳои зиёд аст, ки масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишварро таҳлил мекунед. Вазъи кунунии иқтисоди Тоҷикистонро чӣ гуна арзёбӣ менамоед? Қаноатмандед?

- Агар аз нигоҳи як иқтисоддон гӯем, қаноатмандӣ мафхуми нисбӣ аст. Олим ҳамеша аз имкониятҳои истифоданашуда ва захираҳои мавҷуда суҳбат мекунад. Бо вучуди ин, бояд эътироф кард, ки Тоҷикистон аз лиҳози амният ва субот дар минтақа дар ҷойгоҳи хуб қарор дорад. Амният яке аз омилҳои асосии рушди иқтисод ва некӯаҳволии мардум аст. Вақте ҷомеа ором аст, одамон ба кору зиндагӣ дилпур мешаванд. Фаъолият низ назаррас мешавад ва ин ба иқтисод таъсири мусбат мерасонад. Дар баробари ин, албатта, музди кор, ҷойи истиқомат, муносибати хуб дар муҳити корӣ аҳамияти калон дорад.

- Кадом ислоҳот барои иқтисоди Тоҷикистон муҳимтар аст?

- Тоҷикистон ба ду ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад.

Якум, аз байн бурдани иқтисоди пинҳонӣ. Тасаввур кардан нодуруст аст, ки иқтисоди пинҳонӣ танҳо фаъолияти чиноӣ мебошад. Бисёре аз соҳибкорон маҷбур шудаанд корхонаҳои худро ғайрирасмӣ идора кунанд. Масалан, истеҳсоли хунармандӣ ё хизматрасониҳои хусусӣ, ки аксар берун аз ҳисоботи расмӣ мемонанд.

Дуюм, фаъолият бояд ошкор бошад. Вақте ки чунин аст, давлат метавонад онҳоро боз бештар дастгирӣ намояд. Аз ҷумла, бо имтиёзҳо ва кумакҳои техникӣ.

Ба бозорҳо дароед, мебинед, маҳсулоте, ки ҳунармандон истеҳсол мекунанд, қариб дар қайди ниҳодҳои масъул ва истеҳсолӣ нестанд. Масалан, истеҳсоли корд ва дигар маҳсулоти ҳунармандӣ, ки бештар андоз намесупоранд.

- Оё иқтисоди пинҳонӣ ё ба ибораи дигар "паси парда" меъёри қабул дорад?

- Меъёри асосӣ андоз аст. Вақте давлат имтиёз медиҳад, дигар сабаби пинҳонкорӣ намемонад. Иқтисоди ошкор ҳам барои давлат ва ҳам барои соҳибкор фоидаовар аст.

- Соли 2025 ММД ба 173 миллиард сомонӣ расида, суръати рушд 8,4 фоизро ташкил дод. Ин нишондиҳанда то чӣ андоза устувор аст?

- Суръати баланд хуб аст. Аммо сифати рушд муҳимтар мебошад. Агар рушд асосан ба муҳоҷират, истихроҷи ашёи хом ё воридот такя кунад, он дарозмуддат устувор намемонад. Мо бояд ба тағйироти сохторӣ гузарем.

САНОАТ ҲАМЧУН МУҲАРРИКИ РУШД

- Кадом бахш метавонад муҳаррики рушди кишвар гардад?

- Ба назари ман, саноат. Махсусан саноати вазнин ва коркарди маъданҳо. Тоҷикистон дорои захираҳои бойи металлҳои ранга ва нодир аст. Аз забони вазири саноат Шералӣ Кабир дарёфтам, ки дар Тоҷикистон 11 намуд металлҳои ранга вуҷуд доранд. Аммо геологҳои тоҷик мегӯянд, ки 17 намуд аст. Эҳтимол 11 намуде, ки вазири саноат гуфт, дурусттар аст. Зеро онҳо конҳое ҳастанд, ки аз тарафи мутахассисон таҳқиқ шудаанд. Аммо рушди саноат бояд мутавозин бошад: саноати капиталғунҷоиш, яъне истихроҷ, саноати меҳнатғунҷоиш барои таъсиси ҷойҳои корӣ, саноати илмғунҷоиш ва технологияҳои баланд.

Агар мо танҳо такя ба истихроҷи ашёи хом кунем, ҳамеша ба сармояи хориҷӣ муҳтоҷ мемонем.

- Сармоягузории хориҷӣ чӣ гуна бояд ҷалб шавад?

- Ҳиссаи Тоҷикистон набояд аз 51 фоиз кам бошад. Мо дар гузашта хатоҳо кардем, зеро таҷриба надоштем. Кони тилои муштараки "Зарафшон" дар шаҳри Панҷакент мисоли ин гуфтаҳо аст. Англисҳо моро фиреб карданд. Баъд фаҳмидем, ки ҳамон ширкати англисҳо хусусияти машваратӣ доштааст. Ширкате, ки дар таърихи фаъолият тило коркард накардааст, аммо дар Тоҷикистон ҳиссаи бештари даромад аз он буд. Азбаски таҷриба надоштем, бовар кардем. Маълумот нагирифтем, ки кай ташкил шуда, дар кучо кор кардааст. Чӣ қадар таҷриба дораду чанд кас кор мекунанд ва чанд нафар муҳандисони маъруф дорад. Ҳоло таҷриба пайдо кардем, ки кадом ширкат чӣ мавқеъ ва нуфуз дорад. Ҳамчунин, мо ҳоло ба масъалаи инноватсия бештар эътибор дода истодаем. Дар ин самт Шералӣ Кабир корҳои зиёде анҷом дода истодааст. Ӯ олим аст ва сатҳи худомӯзии баланд дорад. Ҳозир мо бояд кӯшиш кунем, ки муҳаррикҳои нав пайдо намоем. Гурӯҳи корхонаҳое ҳастанд, ки сармояғунҷоиши баланд доранд. Масалан, корхонаҳое, ки ба коркарди боигариҳои зеризаминӣ машғуланд. Инҳо капиталғунҷоиши баланд доранд. Боз гурӯҳи корхонаҳое ҳастанд, ки дар онҳо хусусияти меҳнатғунҷоишӣ вуҷуд дорад. Ҳамчунин, корхонаҳое дорем, ки сатҳи баланди илмғунҷоишӣ доранд. Яъне, бо технологияи баланд фаъолият мекунанд. Бояд Вазорати рушди иқтисод ва савдо як таносуби хеле оқилона байни ҳамин соҳаҳоро муайян кардаву нигоҳ дошта тавонад.

- Фаъолияти ниҳодҳои блоки иқтисодиро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

- Муҳимтарин масъала набудани сиёсати ягонаи иқтисодӣ аст. Вазорати рушди иқтисод ва савдо бояд нақши танзимкунанда дошта бошад ва консепсияи ягонаи рушди иқтисодиву иҷтимоиро пешниҳод намояд. Ҳамаи ниҳодҳои дигар бояд мувофиқи ҳамин консепсия амал кунанд.

Дар замони вазири иқтисод будани Ҳаким Солиев кӯшишҳо буданд, то сиёсати ягонаи иқтисодӣ танзим шавад.

Ман гумон мекунам, ки дар байни вазоратҳо доир ба талаботи истеҳсолӣ, истеъмолӣ, баланд бардоштани рушди иқтисод, барои таъмини бехатарии иқтисодӣ, барои ҳалли проблемаҳои иҷтимоӣ, ки аз рушди иқтисод вобастагӣ доранд, фақат ин корро Вазорати рушди иқтисод ва савдо карда метавонад. Яъне, ин вазорат метавонад консепсияи рушди иқтисодиву иҷтимоии давлатро пешниҳод кунад ва ҳамаи дигар вазорату идораҳои блоки иқтисодӣ қабул ва мувофиқи он амал кунанд.

- Ба андешаи шумо, даромади муҳоҷирон то кай метавонад пояи иқтисод бошад?

- Муҳоҷират натиҷаи нороисоии ҷойҳои кори муносиб аст. Агар мо саноати меҳнатғунҷоиш ва истеҳсоли рақобатпазирро рушд диҳем, метавонем муҳоҷиратро коҳиш диҳем. Мо ҳатто имкон дорем, ки аксари либосро дар дохили кишвар истеҳсол кунем. Таҷрибаи Қирғизистон далели равшан аст.

- Пас, барои иваз кардани воридот чӣ бояд кард?

- Тибқи маълумоти оморӣ, то 70 фоизи воридоти мо аз Чин молҳое мебошанд, ки метавон дар Тоҷикистон истеҳсол кард. Масалан, маҳсулоти нассоҷӣ, қисмҳои алюминий, семент, санги мармар. Пахтаи мо сифатан аз пахтаи Чин беҳтар аст, аммо коркарди пурра надорад. Бояд низоми кластерӣ ҷорӣ карда шавад, мисли Ӯзбекистон.

Ёд оред комбинати абрешими шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷандро, ки маҳсулоти ниҳоӣ истеҳсол мекарданд. Ё корхонаҳои дӯзандагӣ, ки дар тамоми шаҳру ноҳияҳо вуҷуд доштанд. Албатта, ҳоло эҳё шуда истодаанд, аммо дар сатҳи пештара не. Мо имкон дорем, ки умуман аз хориҷи кишвар либос наорем. Дар шаҳри Хуҷанд як мағозаи либос бо номи "Зайб" аст. Дар ин мағоза либосҳои занона мефурӯшанд. Аз Душанбе ва дигар ҷойҳо фармоиш медиҳанд ва тариқи почта дастрас мекунанд. Аммо ҳамааш истеҳсоли Қирғизистон аст. Ду сол пеш дар шаҳри Маскав будам. Вориди мағоза шудам. Ба таври озод либос бо тамғаи Қирғизи-

ҶИДДӢ НИЁЗ ДОРАД

стон фурӯхта мешавад. Мардум бо майли тамом харида истодаанд. Нигоҳ кунед, гумон доред, ки дар Аврупо истеҳсол шуда бошад. Тоҷикҳои шаҳрнишин аз қирғизҳо мехаранд. Чаро мо чунин корро ташкил накунем, то аз воридот вобаста набошем?

- Дар муқоиса гирем, оё корхонаҳои рақобатпазир дорем?

- Не, аммо имкон дорем. Пеш аз ҳама бояд кадрҳои муҳандисӣ омода созем. Пеш хатмкунандаҳои Донишгоҳи саноати сабуки Маскав дар Тоҷикистон кор мекарданд. Ҳар сол 20-30 нафар рафта, хонда меомаданд ва дар корхонаҳои саноати нассоҷӣ кор мекарданд. Тамоми либосҳои комбинати шаҳри Хуҷанд ба кишварҳои фазои шуравӣ содирот мешуданд.

- Барои иваз кардани воридот ва рушди истеҳсоли дохилӣ кадом сиёсати муассир зарур аст?

- Мо ду стратегияи хуб дорем, аммо онҳо ба таври бояду шояд амалӣ намешаванд. Яке аз онҳо стратегияи ивазкунии воридот аст. Яъне, мо бояд



кӯшиш кунем истеҳсоли он молҳоеро ба роҳ монем, ки дар Тоҷикистон барои онҳо базаи хуби ашёи хом ва қувваи корӣ мавҷуд аст. Агар ашёи хом бошаду мутахассисон нарасанд, метавон онҳоро аз хориҷ ҷалб кард. Қирғизҳо тавонистанд ҳамин тачрибаро амалӣ намоянд. Ба гумони ман, имрӯз тақрибан 25-30 фоизи либосҳои кӯдакона, мардона ва занона дар бозори Осиёи Марказӣ ба истеҳсолоти Қирғизистон тааллуқ дорад. Азбаски технологияҳои дӯхт ва омода кардани либос нозукиҳои худро доранд, музди меҳнат низ дар чунин корхонаҳо баланд аст.

МАОРИФ ВА ЗЕҲНИ СУНЪӢ

- Нақши маориф дар рушди иқтисод чӣ гуна аст?

- Маориф дар рушди иқтисоди миллӣ нақши калидӣ дорад. Бо вуҷуди ин, ин соҳа имрӯз ба дастгирии ҷиддӣ ниёзманд аст. Пеш аз ҳама, бояд талаботи воқеӣ ва потенсиали бозори меҳнат бо назардошти пешгӯӣ ва дурнамои 5-10 соли оянда таҳлил карда шавад. Ин соҳа тадричан ба он мутобиқ гардонида шавад, то байни сохтори талабот ба кадрҳо ва самтҳои омодасозии мутахассисон ҳамоҳангӣ ба вуҷуд ояд. Мутаассифона, айни ҳол чунин мувофиқат вуҷуд надорад.

Дар ин самт ду мушкили асосӣ мушоҳида мешавад. Аз як тараф, ҷавонон муассисаҳои таҳсилоти олиро хатм мекунанд, аммо ҷойи кор пайдо карда наметавонанд. Агар аз ҳар ронандаи таксӣ пурсед, ки кадом ихтисосро хатм кардааст, аксаран мегӯянд иқтисод, молия ё ҳатто ҳуқуқшиносӣ. Вақте сабаби бекорӣ пурсида мешавад, мегӯянд, ки ё кор нест, ё музди меҳнат хеле кам аст. Ҳатто ҳолатҳое зиёданд, ки хатмкардагони донишгоҳҳо ба корҳои сохтмонӣ ё таъмири манзилҳо машғул мешаванд.

- Шумо насли замони шуравӣ ҳастед. Он замон чӣ гуна буд?

- Дар давраи шуравӣ ҳамаи идораҳо ва корхонаҳо талаботи худро ба таври хаттӣ пешниҳод мекарданд. Дар асоси ин дархостҳо, Вазорати маориф ва муассисаҳои таълимӣ мувофиқи эҳтиёҷи воқеии иқтисод кадрҳо омода менамуданд. Имрӯз бошад, ду манбаи асосии маблағгузорӣ вуҷуд дорад.

Якум, буҷети давлатӣ ва маблағҳои хоҷагидорӣ.

Дуюм, маблағҳои шахсии аҳолӣ, ки волидайн барои таҳсили фарзандони худ пардохт мекунанд.

Манбаи дуюм бештар маъмул аст, аммо он на ҳамеша ба талаботи воқеии иқтисод мутобиқат мекунад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳар як муассисаи таҳсилоти олӣ ва Вазорати маориф ва илм дақиқ донанд, ки иқтисод ва соҳаҳои иҷтимоии кишвар ба кадом мутахассисон эҳтиёҷ доранд ва барои таъмини ин талабот кадом механизмҳо бояд истифода шаванд.

- Оё ҷонибдори истифодаи зеҳни сунъӣ ҳастед?

- Бале, аммо бо меъёр. Агар зеҳни сунъӣ ҷойи фикрронии хонанда ва донишҷӯро гирад, мо насли беандеша ба воя мерасонем. Бояд «хати сурх»-и истифода муайян шавад.



ЗАРУР АСТ, КИ КУМИТАИ РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ҲАМКОРӢ БО ДИГАР НИҲОДҲОИ МАРБУТА МАСЪАЛАҲОРО ҲАМАҶОНИБА БАРРАСӢ ВА БАРОИ РУШДИ ВОҚЕИИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ҚАРОРҲОИ АМАЛӢ ҚАБУЛ НАМОЯД.

- Ҳоло дар кадом соҳаҳои Тоҷикистон эҳтиёҷ ба мутахассисон ҷой дорад?

- Қариб ҳамаи соҳаҳо ба мутахассисони баландихтисос ниёз доранд. Аз ҳуқуқшиносӣ оғоз карда, то геология, кишоварзӣ, саноат ва дигар бахшҳо. Мутахассисони касбӣ музди меҳнати баланд низ мегиранд.

Зарур аст як омӯзишгоҳ ё маркази илмӣ-тадқиқотӣ таъсис дода шавад, ки фаъолияти он ба навоварӣ ва технологияҳои муосир равона гардад. Мо бояд пайи амалӣ кардани чунин иқдом шавем.

Масалан, дар ҷойи имрӯзаи корхонаи «Корвон» пештар корхонаи ҳавопаймоҳои хурд фаъолият мекард. Чаро имрӯз мо дубора дар ин самт андеша накунем?

Агар истеҳсолоте ба роҳ монем, ки кишварҳои фазои пасошуравӣ аз Тоҷикистон маҳсулот харидорӣ кунанд, ин на танҳо ба рушди иқтисод мусоидат мекунад, балки обрӯи давлатро дар минтақа боло мебардорад ва ҳаҷми андозҳо низ зиёд мегардад.

- Имрӯз таваҷҷуҳ ба соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон бештар шуда истодааст. Пешравиро мебинед?

- Президенти кишвар дар яке аз баромадҳояшон таъкид намуданд, ки сайёҳӣ бояд ба як соҳаи муҳим табдил ёбад ва дар ҳамгироӣ бо дигар соҳаҳо ҷойгоҳи намоёнро ишғол намояд. Пас аз чунин изҳорот мебоист тамоми ниҳодҳои дахлдор, аз ҷумла Кумитаи рушди сайёҳӣ камари ҳиммат баста, барои амалӣ намудани ин ҳадафҳо чораҳои мушаххас меандешиданд. Имрӯз зарур аст, ки ҳаймаҳои сайёҳӣ бо технологияҳои муосир муҷаҳҳаз бошанд. Шабона худравшанӣ дошта бошанд, аз ҷонварон муҳофизат кунанд ва дар дохилашон шароити ором, амн ва бароҳат барои истироҳати сайёҳон фароҳам оварда шавад.

Дараҳо ва минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон бояд аз лиҳози сайёҳӣ ҳамаҷониба тадқиқ карда шаванд, пайроҳаҳои сайёҳӣ, мавзеъҳои истироҳатӣ ва шаҳракҳои сайёҳӣ муайян ва тарҳрезӣ гарданд. Мутаассифона, мо ҳатто имкони истеҳсоли арғамчини одии сайёҳиро надорем. Ин дар ҳолест, ки аксари лавозимот ва таҷҳизоти барои сайёҳон зарурро метавон дар дохили кишвар истеҳсол кард.

Зарур аст, ки Кумитаи рушди сайёҳӣ дар ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳои марбута масъалаҳоро ҳамаҷониба баррасӣ ва барои рушди воқеии соҳаи сайёҳӣ қарорҳои амалӣ қабул намояд.

АНҶОМ

- Устод, шумо ба наздикӣ 80-сола шудед ва ҳанӯз ҳам ба таълим машғул ҳастед. Ҳол он ки, дар ин синну сол аксар одамон ба нафақа мебароянд.

- Ман ҳатто нафақа намегирам ва усулан онро фаромӯш кардаам. Барои рафтан ба муассисаҳо ва ҷамъ кардани ҳуҷҷатҳо барои гирифтани нафақа вақт ҳам надорам.

- Чӣ чиз шуморо дар ин синну сол фаъол нигоҳ медорад?

- Ман худро дар кор мебинам. То вақте ки нерӯ дорам, фаъолият мекунам. Имсол ду китоби ман нашр шуд. Барои олим беҳтарин истироҳат эҷод аст.

- Кадом китоб ё муаллиф бештар ба тафаккур ва ҷаҳонбинии шумо таъсир гузоштааст?

- Ман ба Теодор Драйзер, нависандаи машҳури амрикоӣ таваҷҷуҳ дорам. Ӯ се китоби пайдарпай дорад, ки якдигарро такмил медиҳанд: «Финансист», «Титан» ва «Гений». Ҳангоми хондан, на танҳо ҳаёти қаҳрамонро мебинед, балки мефаҳмед, ки менеҷмент чӣ гуна кор мекунад, рақобати монополӣ чӣ маънӣ дорад ва чӣ гуна қудрат ва дороӣ ба ҷомеа таъсир мерасонанд. Ин асарҳо имконият медиҳанд, ки ҳангоми тафаккури иҷтимоӣ ва иқтисодӣ шахсияти инсонро ҳам дар назар гиред.

- Тоҷикистонро пас аз 20 сол чӣ гуна мебинед?

- Орзу дорам Тоҷикистон аз рӯи сатҳи зиндагии аҳолӣ яке аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон гардад.

Мусоҳиб:
Усмон РАҲИМЗОДА

РУСТАМ ЯТИМОВ ДАР ҲАФТГОНАИ ГАРОНТАРИН ДАРВОЗАБОНҲОИ ОСИЁ



РУСТАМ ЯТИМОВ, ДАРВОЗАБОНИ ТИМИ МУНТАХАБИ ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОН ДАР РӮЙХАТИ ГАРОНБАҲОТАРИН ДАРВОЗАБОНҲОИ ОСИЁ БА ЗИНАИ ШАШУМ БАРОМАДААСТ. ҲОЛО АРЗИШИ Ӯ 1,80 МЛН ЕВРО АСТ, КИ ИН РЕКОРДИ МУТЛАҚ БАРОИ ФУТБОЛБОЗОНИ ТОҶИК МЕБОШАД.

Арзиши дарвозабони мунтахаби кишвар 300 ҳазор евро боло рафта, дар муқоиса аз дарвозабонони Индонезия ва Австралия пеш гузашт. Маъмулан дар ин "бозор" намояндагони Ҷопон, Австралия, Кореяи Ҷанубӣ ва кишварҳои Ховари Миёна қарор мегиранд.

Ғайр аз ин, Ятимов гаронтарин дарвозабон дар Осиёи Марказӣ дониста шудааст. Баъди ӯ, нархи дарвозабони Ӯзбекистон 1,5 млн евро мебошад.

Дар қисми болоии раддабандӣ бартарии комили Ҷопон дида мешавад. Пешсафи рӯйхат Дзион Судзуки аз "Парма" аст, ки арзишаш ба 20 млн евро мерасад. Ин нишондиҳандаест, ки барои аксари лигаҳои футболи Осиё дастнорас маҳсуб меёбад. Дар идома ҳамватанони ӯ Лео Кокубо аз "Сент-Трюйден" (4 млн) ва Йохей Такаока аз "Ванкувер" (3,5 млн) қарор гирифтаанд.

Ба панҷгонаи аввал инчунин Эмил Аудеро аз Индонезия ("Кремонезе") - 3,2 млн, Кейсуке Осако аз Ҷопон ("Санфречче Хиросима") ва Мэтю Райан аз Австралия ("Леванте") - ҳар кадоме 2 млн қарор доранд.

Рустам Ятимов дар зинаи 6-ум (1,8 млн) қарор дошта, дар идома дарвозабонҳои зерин ҷой гирифтаанд:

- Абдулвоҳид Неъматов аз Ӯзбекистон ("Насаф") - 1,5 млн евро;
- Косей Тани ("Матида"), Томоки Хаякава ("Касима") аз Ҷопон - 1,5 млн евро;
- Мартен Паес аз Индонезия ("Даллас") - 1,5 млн евро;
- Ҷо Гаучи аз Австралия ("Пор Вейл") - 1,4 млн евро;
- Риесуке Кожима аз Ҷопон ("Касива") - 1,2 млн евро;
- Брендон Нозава аз Ҷопон ("Антверпен") - 1 млн евро;
- Бум-Кун Сонг аз Кореяи Ҷанубӣ ("Чонбук Хендэ Моторс") - 1 млн евро.

ЛОИҚ ДИГАР ДАР UFC НЕСТ

ЛОИҚ РАҶАБОВ, ВАРЗИШГАРИ ШИНОХТАИ ТОҶИК ДАР НАМУДИ МУҲОРИБАҲОИ ОМЕХТА АЗ ТАШКИЛОТИ МАЪРУФИ UFC БЕРУН ШУДААСТ. РӮЗИ 23-ЮМИ ДЕКАБР ЧАНД СОМОНАИ ВАРЗИШӢ ХАБАР ДОДАНД, КИ ТАШКИЛОТИ UFC ШАРТНОМА БО ЧАНД РАЗМКОР, АЗ ҶУМЛА ЛОИҚ РАҶАБОВРО БЕКОР КАРДААСТ.



Худи Лоиқ Раҷабов дар суҳбат ба Радиои Озодӣ ин хабарро тасдиқ карда, гуфтааст, ки шартномаи ӯ бо ташкилоти UFC тамдид ё дароз карда нашуд.

Лоиқ Раҷабов 35 сол дошта, соли 2023 барои чор муҳориба бо ташкилоти UFC шартнома баста буд. Ин варзишгари тоҷик аз чор муҳорибаи гузарондааш дар UFC дар ду муҳориба ғалаба ба даст оварда, ду рақобати дигарро бохтааст.

Ҳанӯз маълум нест, ки чаро ташкилоти UFC шартнома бо Лоиқ Раҷабовро тамдид накард.

Лоиқ Раҷабов дар муҳорибаҳои омехта (ММА) аз 25 рақобат дар 18-тоаш пирӯз шуда, шаштоашро бохтааст ва яктоашро мусовӣ кардааст. Ӯ, ки дар муҳорибаҳои ММА аз соли 2012 ширкат мекунад, бо ташкилоти UFC барои чор муҳориба шартнома баста буд.

Бо берун шудани Лоиқ Раҷабов акнун дар ташкилоти UFC се варзишгар аз Тоҷикистон монданд. Муҳаммад Наимов, Нурулло Алиев ва Муин Ғафуров аз Тоҷикистон дар UFC баромад мекунанд. Аммо ҳеч яке аз ин варзишгарон то ҳол ба рӯйхати 15 варзишгари беҳтарини вазни худ шомил нашудаанд.

Рейтинг

ТОҶИКИСТОН СОЛРО ДАР ЗИНАИ 101 ҶАМЪБАСТ КАРД


Созмони ҷаҳонии футбол (FIFA) рӯзи 22-юми декабр раддабандии ниҳоии дастаҳои миллиро барои соли 2025 нашр кард.

Тибқи рӯйхати навшуда дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо 1224,93 хол дар ҷойи 101-ум қарор дорад. Дар байни дастаҳои мунтахаби узви Конфедератсияи футболи Осиё Тоҷикистон дар зинаи 17-ум аст. Дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта, дастаи Тоҷикистон мавқеи худро беҳтар карда, аз ҷойи 104-ум боло баромад.

Дар соли 2025 тими миллии Тоҷикистон 10 бозӣ анҷом дод, ки шаш ғалаба, ду мусовӣ ва ду бохтро ба қайд гирифт. Пирӯзиҳо бар Тимори Шарқӣ (1:0, 5:0), Камбоҷа (2:1), Афғонистон (2:0) ва Малдив (2:0, 3:0) ба даст оварда шуданд. Мусовиҳо бо Филиппин (2:2) ва Эрон (2:2) сабт шуданд. Дар рақобатҳо бо Беларус (0:5) ва Ҳиндустон (1:2) ба бохт дучор шуданд.

Тими миллии Тоҷикистон бозии расмии навбатии худро 31-уми марти соли 2026 дар Ҳисор анҷом медиҳад. Ин вохӯрӣ дар даври ниҳоии марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2027 дар гурӯҳи «А» бо дастаи мунтахаби Филиппин аст.

РЕЗААХБОР



Размикори тоҷик Муин Ғафуров, ки ба иллати захм бардоштан танаффус карда буд, дубора ба октагон бармегардад. 8-уми феврал Ғафуров дар Лос-Вегас дар мусобиқаи UFC Vegas 113 муқобили размикори лаҳистонӣ Яқуб Виклас (UFC 1-0, 17-3) набард хоҳад кард. Муин Ғафуров (UFC 2-2, 20-6) бояд 2-юми ноябри имсол дар мусобиқаи UFC Vegas 110 ширкат мекард, аммо захми пояш нагузошт, ки ба майдон барояд.

***

Дастаи мунтахаби футболи Ӯзбекистон, ки бори аввал дар таърихи худ ба финали Ҷоми ҷаҳон роҳ ёфтааст, ҳадди ақал 10,5 миллион доллар мегирад. 1,5 миллион доллари ин маблағ барои омодагӣ ба мусобиқа пешбинӣ шудааст ва 9 миллион доллари ҷоиза, ҳатто агар даста аз марҳилаи гурӯҳӣ нагузарад ҳам, пардохт карда мешавад. Чемпиони ҷаҳон дар соли 2026-ум 50 миллион доллар мегирад. Ба ҷои дуюм 33 миллион доллар, ба ҷои сеюм 29 миллион доллар ва ба ҷои чорум 27 миллион доллар дода мешавад.

***

Футболбози тоҷик Алишер Шукуров бо дастаи «Қизилқум» аз Ӯзбекистон шартномаи ҳамкорӣ баст. Шукуров дар мавсими гузашта дар ҳайати «Хуҷанд»-и Хуҷанд бозӣ мекард ва ҳоло чун футболбози озод бо дастаи шаҳри Навоӣ қарордоди яксола бастааст. Ин футболбоз фаъолияташро аз дастаи «Кӯктош»-и ноҳияи Рӯдакӣ оғоз карда, дар ҳайати дастаи «Динамо»-и Тифлис (Гурҷистон) низ бозӣ кардааст. Бозигари дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон низ ҳаст.

***

22-юми декабр дар «Кохи Суғдиён»-и шаҳри Хуҷанд маросими ҷамъбасти фаъолияти Федератсияи футболи вилояти Суғд дар соли 2025 доир гардид. Дар рафти чорабинӣ ба бошгоҳи «Парвоз»-и Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд нишонҳои тило ва Ҷоми чемпионии Лигаи якум дар соли 2025 тақдим гардид. Дастаи «Парвоз» бо гузашти 10 сол ба Лигаи олии Чемпионати Тоҷикистон бармегардад.

МАРДЕ ШОИСТА ВА ЗИЁИЕ ИСТИСНОӢ

(Аввалаш дар саҳ. 6)

АЗ ҚАЪРИ ГИЛИ СИЁҲ ТО АВҶИ ЗУҲАЛ

Субҳ ману дӯстам ба сӯйи қиблаи илму хирад, донишу маърифат, ақлу фаросат ва қудрати инсонӣ – мақбараи олими забардаст, табиби соҳибқудрат, шоиру мусиқидон, файласуфи зеҳниятшиносу аз олам бохабар, давлатомӯз, қуллаи дарки ҳастӣ, тоҷике, ки ливои нангу номуси инсониро бар зидди ҷаҳолату хурофот, торикиву раҳгумӣ ва тангдастии табиат дар назди оламиён баланд кардааст, яъне Абуалӣ ибни Сино раҳсипор гаштем.

Профессор Раҳими Мусулмониён ҳангоми зиёрати марқади ин бузургвор, асосан, бо ман, аммо гӯё худ ба худ иброз дошт:

– Тавре ки донишманди эронӣ Саид Нафисӣ далел меорад, Абуалӣ ибни Сино дар тӯли ҳаёти кӯтоҳаш, дар шароити сарсону саргардонӣ, таассубу таъқиб ва тақдири носозгори зиндагӣ 456 китобу рисола навиштааст.

Аз ҷумла, 23 асари худро бо забони модариаш – тоҷикӣ таълиф намудааст. Китобҳои ӯ «Ал-маҷмуъ», «Китоб-уш-шифо», «Рисолаи кимиё», «Мантиқи форсӣ», «Наҷот» ва ғайра аз кашфиёти бемисли замони худ ва чанд асри баъди давраи ин олими беҳамто маҳсуб мегарданд.

Танҳо «Китоб-уш-шифо»-и ӯ ҳалли чандин масъалаҳои печидаи фалсафа, мантиқ, математика, табиат, мусиқӣ ва монанди инҳоро дарбар мегирад.

Номи Абуалӣ ибни Сино бо фаҳм, дарк ва умқи зеҳнияти миллати тоҷик ва тоҷикият тавъам аст. Ӯ ҳувияти миллии мост.

Чандин порчаҳои шеърии Абуалӣ ибни Сино шаҳодат аз он медиҳанд, ки торикӣ, ҷаҳолат ва хурофотпарастии руҳониёни ифротӣ бар зидди мактаб, маориф, илм, хирад ва равшангароӣ решаҳои таърихӣ доранд. Маҳз ҳамин омилҳо сабаби аслии ҷанги шаҳрвандӣ буданд. Ва эҳтимоли қавӣ он аст, ки боз чанд даҳсолаи дигар бадбахтиҳои бузургро бар зидди миллати тоҷик меоваранд:

Куфри чу мане газофу осон
набувад,
Маҳкамтар аз имони
ман имон набувад.
Дар даҳр чу ман якеву
он ҳам кофир,
Пас дар ҳама даҳр як
мусулмон набувад.

Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи
Зуҳал,
Кардам ҳама мушкилоти
гетиро ҳал.
Берун ҷастам зи банди ҳар
макру ҳиял,
Ҳар банд кушода шуд,
магар банди аҷал.
Бо ин ду-се нодон,
ки чунон медонанд,
Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон
эшонанд.
Хар бош, ки ин ҷамоа аз
фарти харӣ,
Хар к-ӯ на хар аст,
кофираш мехонанд.

Ин суханҳоро гуфта, профессори гуреза ва фиребхӯрдаи тоҷик хеле ғамангез ва дардолуд гашт. Ба ҳоли худ ва миллати зери хурофоту ҷаҳолатгаштаи хеш, ки акнун бо ҳамин сабаб бо ёрии аҷнабиён якдигаркушӣ мекунад, ҳазорҳо афсус мехӯрд.

Бо анҷоми зиёрати мақбараи ин абармарди тоҷик, профессор Раҳими Мусулмониён маро ба оромгоҳи хурд ва назарногири шоири машҳури Эрон Орифи Қазвинӣ овард, ки тибқи васияти ӯ, дар ивази бузургворие, ки дар шеъраш нишон додааст, инъоме нахостааст, магар ин ки дар пойдомани манзили ахирати Абуалӣ ибни Сино ӯро ҷой диҳанд.

Ҳукуматдорон ин васиятро сазовор дониста, ҳамчунон кардаанд.

Инак, дар тахтасанги сари гӯри ин шоири тавоно чунин байте навишта шудааст:

Умрам гаҳе ба ҳачр,
гаҳе дар сафар гузашт,
Таърихи зиндагӣ ҳама
бо дарди сар гузашт.

Чун рӯзи дигар ман аз хидмати давлатӣ фориғ шудам, то он дам Мусулмониён дар шаҳр нишони авлоди Мир Сайид Алии Ҳамадониро муайян карда будааст.

Маро ба иншоот ва зиёрати мақбараҳои марбут ба ин хонадон даъват кард.

Роҳбалади мо, марди солманд – доктор Солукӣ яке аз донишмандон ва мардумшиносони доираҳои илмии Ҳамадон будааст. Ӯ бо овардани шаҷара ва далелҳои таърихӣ исбот намуд, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, воқеан, аз қавми араб ва аз авлоди ҳазрати Алӣ мебошад. Ва дар ин шаҳр аз қавми Алавиён будани эшон бо санадҳо таъйид гардидааст.

НЕШИ АҚРАБ НА АЗ РАҲИ КИН АСТ

Ифтихор аз таърихи миллати хеш нишонаи бузургӣ, масъулиятшиносӣ, худогоҳӣ, эҳёгарӣ, шарафмандӣ, шоистасолорӣ ва рисолатшиносӣ аст.

Аммо баъзе аз «зиёиён»-е, ки ба аслияти ватанпарастии худ хиёнат карда, дастобрези мутаассибони ифротгаро ва тарроҳони ҷанги бародаркуш шуда, ба Эрон фирор карда буданд, таърихи миллати хешро дар ҳафтод соли ахир ноҷавонмардона таҳриф мекарданд.

Бо ин аъмол ҳам, мехостанд рӯширинӣ ва чоплусие ба бегонагон кунанд. Мехрубоние аз онон тамаъ баранд. Табассуму тараҳҳуми аҷнабиёнро сазовор шаванд.

Фаромӯш мекарданд, ки дар асл, ҳамагон дастпарварони Вали аҷнабиён то дараҷаи ниҳоӣ бекурб гардонидан буд. Мақсад аз он, асоснок кардани ҷанги шаҳрвандӣ ҳамчун «ҳаракати миллӣ – озодихоҳӣ», бештар ба даст овардани маблағ, пулу мол ба хотири минбаъд ҳам аланга задани низои саросарӣ ва ба ҳар қимат ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ маҳсуб мегардид.

ДАР ФАРАНГ АЗ БЕХАРӢ МУҲТОҶИ РОҲИ ОҲАНАНД

Профессор Раҳими Мусулмониён аз чунин муносибат, туҳмат ва дурӯғбофии маҳзи собиқ ҳамсафони худ сахт асабонӣ мешуд. Азоби руҳӣ мекашид. Онро таҳқири бешармона, беадолатона ва кӯрнамакӣ нисбат ба миллат ва давлати хеш медонист.

Рӯзе устод Мусулмониён ба Сафорат назди ман омад. Як даста аз чунин мақолаҳоро, ки дар матбуоти давлатӣ ва хусусии Эрон, беибо, аз ҷониби ин «зиёиён»-и мухолиф нашр мешуд, гирифта овард. Хонд ва тафсир кард. Хоҳиш намуд, ки Сафорат ба онҳо вокуниши расмӣ нишон диҳад.

Мо ин корро салоҳ нашуморидем. Гуфтушуниди байни тоҷикон мерафт. Намехостем он халалдор шавад. Баъдан, худи мухолифон дар байни оммаи мардум обрӯ ва эътибор надоштанд. Онҳо мехостанд, усма бар абрӯи кӯр зананд. Ва домани давлат ба зӯр бигиранд.

Ман ин маъниро ба Раҳими Мусулмониён гуфтам. Ӯ фикри моро маъқул шуморид ва хулоса кард:

– Хуб. Агар ин тавр бошад, ман худам матлабе дар посух барои хонандаи Эрон менависам ва нашр мекунам.

Баъди як ҳафта профессор бо сарсухани пурмуҳтаво ва арзишманд, мақолаи устод Садриддин Айнӣ таҳти унвони «Дар Фаранг аз бехарӣ муҳтоҷи роҳи оҳананд»-ро дар яке аз маҷаллаҳои маъруфи Эрон чоп кард. Онро ҷавоб ба навиштаҳои зиёиёни чоплуси фурӯхташуда, ки намак хӯрда, дар намакдон туф карда, дастовардҳои миллати худро дар ҳафтод соли ахир, бошуурона, ғаразмандона, дидаву дониста ночиз мешумориданд, тафсир намуд. Ва лозим донистааст, ки чанд нусхаашро пешкаши кормандони сафорат низ гардонад.

Тибқи навиштаи устод Айнӣ, баъди инқилоби Бухоро ҳам, нафароне пайдо шуда буданд, ки ошкору ниҳон дар бораи «дастовардҳо»-и амирони манғития афсонаҳо менавиштанд.

Садриддин Айнӣ, ки худ аз шоҳидон ва муҳаққиқони ҷавонмарди таърихи Бухорои амирӣ буд ва ба он «хонаи бедоду ситам» ва «маҳкамаи ҷабр» нафрати беандоза дошт, аз ҷумла, дар бораи муҳтаво, сифат, дараҷаи таҳаввулот, рушди фикрӣ ва ҷаҳонбинии табақаҳои иҷтимоии Бухоро менависад:

«Шабе аз шабҳо дари манзили ориятии маро касе тақ-тақ зад. Онро кушодам. Ҳаво мисле, ки аз лаби табақ об мерехта бошанд, беист меборид. Ду нафар аз ҳамқишлоқиёни камбағали қашшоқ бо либосҳои даридаи шип-шилта дами дар истода буданд:

Яке аз онҳо пеш даромада:

– Домулло, дар ин ҳучраи мадраса муш мушро тангӣ мекунад. Лекин аз барои Худо, мо илоҷи дигар надорем. Ду дарза ҳезумеро, ки барои рӯзгузаронӣ ба бозор оварда будем, як бало карда, нимҳақ фурӯхтем. Шом шуд. Аз ҳаво сел омад. Бубинед, мо дар обу гил ғӯттидаем. Шаб торик. Харҳоямон роҳ рафта натавонистанд. Дар ин кӯчаҳои Бухорои Шариф лой то миён. Агар иҷозат бошад, ҳамин шабро дар ҳучраи Шумо рӯз кунем. Дами субҳ, дигар боиси озори Шумо намешавем, – гуфт.

– Албатта, албатта. Дароед. Ҳозир ман дар дегдон оташ мегиронам. Либосҳоятонро хушк карда мегиред. Андак нафас рост мекунед. Баъд, субҳ ихтиёратон, – гуфтам ман.

Деҳқонон хурсанд шуданд:

– Эҳ, Илоҳӣ, барака ёбед, домулло. Раҳми моро хӯрдед. Худованд ин некиатонро ба Шумо даҳчанд карда гардонад, – гуфтанд.

Дар дегдон оташ гирондам. Оши имшабаи барои рӯзи дигар бозмондаамро гарм карда, пеши деҳқонони бечора мондам. Чун оташ аланга зад, хона гарм шуд, дар сари палав деҳқонон ба гап даромаданд.

Яке аз онҳо, ки Мурод ном дошта, бачаи ҳушёртар буд, нақл кард:

– Домулло, имрӯз як нафари бо хатту савод, рӯзномаеро оварда, дар пеши дӯкони Қурбонбойи далол хонда, ҳамаи моро дар тааҷҷуб мононд.

– Хайр, чӣ гап будааст дар он? – пурсидам ман аз деҳқони ба ҳаяҷономада.

– Эҳ, домулло, напурсед. Дар кадом кунҷи дунё, Фаранг гуфтанӣ макон будааст. Хулоса, дар он ҷоҳо мардумон ниҳоят камбағал, нодор ва дар азоби алим гирифтор ба сар мебурдаанд. Чанд рӯз пеш дар Порис ном шаҳри он кишвар, барқ барин чиз гум шудааст. Он ҷо қатор ном ҷондоре будааст, ки барқ хӯрда, баъд дар пушташ мардумро бор карда, аз маконе ба маконе мебурдааст. Акнун, ки барқ гум шудааст, тамоми мардуми Порис пойи пиёда монда будаанд. Эҳ, бечораҳо-йе, ба дараҷае қашшоқ будаанд, ҳатто хар надоштаанд, ки савор шуда гарданд-е!

Ин суханҳоро гуфта, палавро хӯрда, деҳқонон ба ҳоли мардуми Порис хуб механдиданд».

Устод Айнӣ бо овардани ин нақл воқеияти дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ ва фикриву маънавии мардуми Бухороро дар муқоиса бо лофу газофи муллоҳову «донишмандоне», ки таърихи воқеии мардуми хешро чоплусона ба фоидаи амирони манғития таҳриф мекарданд, фош месохт.

Бо чунин аксуламал, яъне ошкор кардани дурӯғҳои муллоҳои ифротӣ ва зиёиёни думрави резахӯри саргардони онҳо, ки сабабгори нооромиҳои Ватани аҷдодии хеш гашта буданд, профессор Раҳими Мусулмониён чашми мардуми ноогоҳи Эронро нисбат ба воқеияти таърихӣ, муосир ва шахсиятҳои зери суоли он солу замон мекушод.

Дар бораи ин шахсияти бузург андеша карда, доимо аз дилам мегузашт:

Қаландарони ҳақиқат ба
ними ҷав нахаранд,
Қабои атласи он кас,
ки аз ҳунар орист.

(Аз китоби С. Ятимов «Ёддоштҳо», ҷилди 2, Душанбе, «Эко Принт», 2024, саҳ. 346-377)

БЕМОРИҲОИ СОЛИНАВӢ

Чӣ бояд кард то идро дар бистар пешвоз нагиред?

Соли нави мелодӣ яке аз ҷашнҳои дӯстдоштаи мардумони кишварҳои пасошуравӣ мебошад. Аз овони кӯдакӣ мову шумо ин ҷашни пур аз фараҳ ва шодиву нишотро бесаброна интизорӣ мекашем ва кӯшиш мекунем, ки дастархони солинавиамон пур аз нозу неъмат бошад, вале табибон ҳушдор медиҳанд, ки беэҳтиётӣ дар шаби Соли нав метавонад боиси хуруҷи касалиҳои гуногун гардад. Аз чӣ бояд эҳтиёт шуд, то Соли навро дар бистари беморӣ пешвоз нагирем?



ЗАРБА БА СИСТЕМАИ ҲОЗИМА

Табиби машҳури рус, номзади илмҳои тиб Дмитрий Еделев зимни суҳбат бо хабарнигорон таъкид кардааст, ки маъмулан дар шаби ид беш аз ҳама системаи ҳозима осеб дида, дар натиҷа шумораи зиёди одамон ба беморихои гуногуни рӯдаву меъда гирифтор мегарданд. Бар асари ба миқдори зиёд истеъмол намудани хӯрокҳои равғанӣ панкреатит хуруҷ намуда, на-

танҳо касро нороҳат месозад, балки боиси бистарӣ гаштан дар беморхона низ гашта метавонад. Дар Соли нав ҳамчунин ҳолатҳои хуруҷи илтиҳоби меъда - гастрити музмин, холетсистит ва санги талхадон бештар мушоҳида мешаванд.

ЗАҲРОЛУДШАВӢ

Хатари дигаре, ки бештар дар рӯзҳои ид, хоса Соли нав домангири одамон мегардад, сироятёбии рӯдаҳо ва заҳролудшавӣ аз ғизоҳои гуногун мебошад. Табибон таъкид мекунанд, ки дар иду ҷашнҳо ҳангоми истеъмоли ғизо бодиққат бошем, зеро ҳар гуна хӯришҳо, махсусан хӯришҳое, ки дар таркибашон қаймоқ ва майонез доранд, боиси захролудшавии организми инсон гашта метавонанд. Бештари одамон пас аз истеъмоли чунин хӯришҳо, махсусан хӯриши “Оливие” бо аломатҳои заҳролудшавии организм ба беморхона меафтанд. Миқдори бехатари хӯришҳои солинавӣ ҳамагӣ 150-200 грамм аст, агар аз ин бештар салат истеъмол намоед, метавонад боиси заҳролудшавии организм, нороҳатӣ ва ҳатто ба беморхона афтодан гардад.

АЗ ИНФАРКТ ВА БАЛАНД ШУДАНИ ҚАНД ЭҲТИЁТ БОШЕД!

Гирифторони касалии қанд, иллатҳои дил ва фишорбаландии шараёнӣ бояд дар шаби соли нав ба саломатии худ диққати ҷиддӣ диҳанд. Истеъмоли хӯрокҳои гуногуни равғанию зирбондашуда, ширинихои зиёд, хӯрокҳои шӯру сернамак, нӯшидани машруботи спиртӣ, фишори эмотсионалӣ ва фаромӯш кардани қабули дорухое, ки табибон тавсия додаанд, метавонад боиси баланд шудани фишори хун, сактаи дил ва ба инсулт гирифтор шудан гардад.

Шахсоне, ки ба касалии диабети қанд гирифторанд, агар дар Соли нав бепарвоӣ карда, ширинӣ ва хӯрокҳои зарароварро истеъмол намоянд, қанди хунашон якбора хеле баланд шуда, оқибатҳои нохушро ба бор оварда метавонад.

АЗ ДИЛХУШӢ ТО ОСЕБИ ҶИСМОНӢ

Травматологҳо чун анъана дар арафаи Соли нав серкор мешавнад, зеро ҳолатҳои шикастани дасту пойи одамон ҳангоми яхмолакбозӣ дар рӯйи барфу ях ва ҷароҳат бардоштани кӯдакону наврасон ҳангоми сӯхтани фейерверк ва истифодаи дигар намудҳои пиротехника зиёд мешаванд. Соли навро бо гипс ё дар беморхонаи касалиҳои сӯхтагӣ истиқбол гирифтан нахоҳед, эҳтиёт бошед!

АЛЛЕРГИЯ ВА ДАРДИ ГУЛӮ

Дар рӯзҳои ид ҳамчунин шумораи гирифторони бемориҳои узвҳои ЛОР зиёд мешавад, зеро нӯшидани нӯшокиҳои хунуки газнок боиси дарди гӯл мегардад. Меваҳои ситрусӣ бошанд, ба хуруҷи аллергия боис гашта метавонанд.

ЧӢ БОЯД КАРД?

Барои кам кардани хатари гирифторшавӣ ба бемориҳои гуногуни солинавӣ табибон тавсия медиҳанд, ки дар истеъмоли ғизо дар рӯзҳои ид эҳтиёткор бошед, камтар машрубот нӯшида, бештар об бинӯшед. Шахсоне, ки ба бемориҳои гуногуни музмин гирифтор ҳастанд ё фишорбаландии шараёнӣ ва касалии қанд доранд, бояд дорухои таъинкардаи табибонро сари вақт қабул карда, ба парҳез риоя намоянд.

Ба кӯдакону наврасон дар шаби ид диққати махсус диҳед, то ки ҳангоми салют ва фейерверкҳо ҷароҳат набардоранд.

ТОЛЕЪНОМАИ СОЛ




МУШ

Соли 2026 барои зодагони соли муш давраи фаъолият ва тағйироти бузург мегардад. Шумо оромиш ва эътимод ба худ пайдо мекунед ва маҳз ҳамин чиз нерӯятонро зиёд месозад. Шиносоиҳои нав ва лоиҳаҳои муваффақ шуморо интизоранд. Аз имкониятҳои мавҷуда дуруст истифода баред, онҳо боз ҳам бештар мешаванд. Даромади пулӣ ба осонӣ меафзояд, агар ба изтироб роҳ надихед. Нафарони муҷаррад дар ин сол ишқи деринтизорро дар лаҳзаи ғайричашмдошт меёбанд.




БАҚАР

Бақарро соли душвор, вале пурмуваффақият интизор аст, шумо ба орзуи худ як қадам наздик мешавед. Дар чое, ки бунбаст менамояд, таслим нашавед: уфукҳои нав боз мешаванд. Вақти пурра паси сар гузоштани гузашта расидааст, ҷасур бошед. Дар молия ҳар имкониятро бубинед - бахт бо шумо хоҳад буд. Дар ишқ сабр санҷида мешавад: муҳим аст, ки дар бораи чизҳои барои шумо арзишманд хомӯш намонед.




ПАЛАНГ

Соли оянда Аспи Оташин ба онҳое кумак мекунад, ки аз тарс ва андешаи дигарон озод мешаванд. Паланг аз соя берун меояд ва бо дурахши худ ҳамаро ба ҳайрат меорад. Самти зиндагии худро тағйир диҳед, бахту барор бо шумост. Ба суханони ноумедкунанда аҳамият надиҳед, танҳо ба худ бовар кунед. Дар масоили молиявӣ орзуҳои бузург амалӣ мешаванд. Палангҳои муҷаррад ишқи ҳақиқиро меёбанд ва зиндагӣ пур аз хушбахтӣ мегардад.



ХАРГӮШ

Эҳсосоти харгӯш дар соли 2026 метавонад зиддиятнок бошад. Оромӣ ва мувозинат калиди муваффақиятанд, худро зери фишор нагузоред. Дар гуфтушунидҳои корӣ ҷозибаи шахсӣ кумак мекунад. Дар масъалаи молия сол сабук ва боэътимод мегузарад. Дар ҷодаи ишқ гармӣ ва муҳаббат мисли дарёи ором шуморо фаро мегирад.




НАҲАНГ

Наҳанг дар соли нав пешсаф шуда, қуввати ботинии ӯ бедор мегардад. Хислатҳои роҳбарӣ шуморо ба қуллаҳои нав мебаранд ва дар касбу кор корҳои ғайриимкон амалӣ мешаванд. Бо вуҷуди ин, аз хушиҳои одӣ низ лаззат бурданро фаромӯш накунед. Даромад метавонад тағйирёбанда бошад, бинобар ин эҳтиёткор бошед. Дар ҷодаи ишқ эҳтимоли зиддият ҳаст, бигзор эҳсосот дар ҷои аввал бошад.

МОР



Мор бояд пеш аз ҷаҳиш каме сабр кунад, бехтараш қабл аз кореро анҷом додан ба садои қалб гӯш андозед. Шумо тадричан, вале боэътимод ҳадафҳои худро амалӣ мекунед. Сол барои шумо дар бисёр масъалаҳо ҳалкунанда хоҳад буд. Дар масоили молиявӣ бе зарурат таваккал накунед. Дар ҷодаи ишқ ранчишҳо метавонанд монеа шаванд, худро идора кардан муҳим аст.



АСП

Асп дӯстдоштаи бахт мегардад. Барои соҳиби сол имкониятҳои дурахшони муваффақият фароҳам мешаванд. Шумо самти рӯйдодҳо ва тамоюлҳоро муайян мекунед. Дар ҳолатҳои душвор масъулиятро ба дӯш гиред, нуфузи шумо меафзояд. Даромад боло меравад ва орзуҳои ҷасурона амалӣ мешаванд. Дар ҷодаи ишқ хушбахтии беинтиҳо интизор аст, ҳар лаҳзаро қадр кунед.



ГӮСФАНД

Ба зодагони соли гӯсфанд шитоб кардан лозим нест, бахт аз шумо дур намешавад. Қарорҳои чиддиро ногаҳонӣ қабул накунед, то аз хатоҳо эмин монед. Вақти тағйироти калон нест, беҳтар аст мавқеи худро мустаҳкам кунед. Муваффақият оҳиста, вале устувор меояд. Ба истеъдодҳои худ бовар кунед. Дар ишқ аз ҳад зудбовар набошед, аввал хуб шинос шавед.



ҲАМДУНА

Маймун набояд танҳо ба дастовардҳо банд шавад. Аз лаҳзаи ҳозира лаззат баред. Сабукӣ, чандирӣ ва илҳом солатонро шод мегардонанд. Орзуҳои деринаро амалӣ кунед, онҳо ба нишон мерасанд. Ҷозибаатон даромадро меафзояд ва ситораҳо фоидаи калон ваъда медиҳанд. Дар ишқ ноумедиҳо имконпазиранд, вале ин қадами муҳими рушд аст.

МУРҒ



Барои мурғ амал кардан тибқи нақша муҳим аст. Қувваи шумо дар пайдарпайист. Дар ҳар вазъият устувор бошед. Шумо метавонед барои дигарон илҳомбахш гардед. Дар молия ғояҳо ва стратегияҳои нав орзуҳоро амалӣ месозанд. Дар ишқ якравӣ накунед, созиш сулҳ меорад.

САГ



Саг дар ҳолати ҳамоҳангӣ қарор мегирад. Бахт ором ва устувор хоҳад буд, на парвозҳои баланд, на сукутҳои хатарнок. Орзуҳои худро фаромӯш накунед ва барои писанд омадан ба дигарон аз онҳо даст накашед. Дар молия имкониятҳои зиёд пайдо мешаванд. Муносибатҳои тӯлонӣ метавонанд ба поён расанд, гирехҳоро сари вақт кушоед.

ХУБОН



Аз зиндагии хубон он чизе меравад, ки дер боз халал мерасонд. Шумо имкони оғози нав мегиред. Сафарҳо ва муошират ба ҳадаф мерасонанд ва қобилиятҳои нав ошкор мешаванд. Ба ҷаҳон бовар кунед, ҷавоби нек мегиред. Ситораҳо аз харочоти зиёдатӣ ҳушдор медиҳанд. Дар ишқ зиндагӣ ба як саёҳати бузург табдил меёбад, афсона воқеият мегардад.

СОЛИ НАВ АЗ ОИНИ МИТРОИСТ



Абдувоҳид ШАМОЛОВ, доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

ЧАНД СОЛ АСТ, КИ ДАР АРАФАИ СОЛИ НАВИ МЕЛОДӢ ГУРӮҲЕ БА ХОТИРИ ДИФОЪ АЗ «ФАРҲАНГИ ВОЛОИ МИЛЛӢ АЗ ПАДИДАҲОИ БЕГОНА», ГУРӮҲИ ДИГАРЕ «БАРОИ ПЕШГИРӢ АЗ ЗУҲУРОТИ БУТПАРАСТӢ ДАР ҶОМЕАИ СУННАТӢ», ГУРӮҲИ САВУМӢ «НИГОҲ ДОШТАНИ ҶОМЕАИ МУСУЛМОНӢ АЗ АНЪАНАҲОИ НАСРОНИЁН» КӮШИШҲОИ ЗИЁДЕ КАРДА ИСТОДААНД, КИ ДАР САРОСАРИ ҶУМҲУРӢ АЗ ҶАШН ГИРИФТАНИ ИН ИД ДАСТ КАШАНД...



ТАВАЛЛУДИ ИСО КАЙ АСТ?

Шахсоне, ки аз таърих огоҳ ҳастанд, ба хубӣ медонанд, ки дар ҳеҷ кучое аз матнҳои муқаддаси қадимаи насронӣ рӯзи таваллуди Исо сабт нагаштааст ва ҳеҷ як санаду далеле вучуд надорад, ки дар он рӯзи якуми январ ҳамчун рӯзи мелоди ин паямбар сабт шуда бошад.

Рӯзи 25-уми декабр якумин маротиба дар соли 221 дар навиштаҳои яке аз аввалин муаррихони насронӣ Сеиста Юлия Африкана сабт ёфтааст. Дар соли 354 аз ҷониби падарони рӯҳонӣ қарори махсусе қабул гардид, ки рӯзи мелоди Исоро дар мувофиқа бо «Рӯзи ялдо» ва ё ба қавли эрониён рӯзи «Инқилоби зимистонии Шамс» (зимнее солнцестояние) ҷашн гиранд, зеро дар ин рӯз дар қисмати аъзами кишварҳо дар доираи одоб ва русуми бутпарастӣ рӯзи мавлуди худоён таҷлил мегашт: дар Юнони қадим мавлуди худои шаробгузориву шаробсозӣ - Дионис, дар Миср - худои фанонопазир ва эҳёшавандаи ҷаҳони зери замин - Осирис, дар Руми асрҳои охири қабл аз мелод - худои офтоб - Митра ва ғайра буданд.

МИТРАИЗМ ДАР РУМ

Митраизм ҳанӯз 1400 сол қабл аз мелод ҳамчун ҷараёни бузурги динӣ аз тариқи сарзамини имрӯзаи Туркия дар қаламрави импературии Рум ҷову мақоми баланд дошт ва тамоми табақаҳои поёнии ҷомеаи ин кишвар аз он пуштибонӣ мекарданд ва имони бузург бар он доштанд.

Ду нафар императорони Руми қадим - Диоклетиан ва Максимиан дар замони давлатдории хеш кӯшишҳои зиёде карданд, ки дар импературии онҳо митраизм ҳамчун дини давлатӣ қабул шавад, лекин ин корро танҳо имератор Константин амалӣ сохта тавонист. Мувофиқи далелҳои сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳқиқотҳои муосир, Константин ҳангоми ҳарб нишони аслии митраизм - Салибро, ки дар дохили Хуршед ҷойгир шуда ва навиштаҷоте, ки дар он буд - «Ту пирӯз хоҳӣ шуд» дида, дар муҳорибаи пули Мулвиев пирӯзиро ба даст меорад. Баъд аз чанде вай давлатдоронро маҷбур месозад, динеро, ки аҳли ҷомеааш ба маротиб пеш қабул карда буданд, пазиранд...

НАСРОНӢ БА ҶОЙИ МИТРА

Калисоҳои расмӣ дар Арелате дар соли 314 ва дар соли 325 дар Никее ба доираи расму оин ва ақидаву анъаноти митраизм даромаданд. Дар калисои Никеи, ки 220 нафар падарони рӯҳонӣ ширкат меварзиданд, рамзи Никеи динӣ ва сохтори калисоии Митраии империяи Рум қабул шуд. Дар калисои Никеи соли 325 на рамзҳои насрониён, балки рамзу самбулҳои Митраизм рамзҳои расмӣ эълон шуданд. Вале баъд аз марги Константин ӯро ҳамчун императори дувуми Калигула бутпараст эълон карданд.

Ҷои шакку шубҳа нест, ки дар махлут кардан ва бо ҳам овардани дини насрония бо оини митраизм нақши қайсарони Рум хеле зиёд буд. Баъд аз он ки дини насрония ҳамчун дини давлатӣ ва расмӣ эълон шуд, ҷонибдорони Митра дар Рум ба андозае зиёд буданд, ки онҳоро маҷбуран ба дини насронӣ гаравонидан шояд боиси хунрезиҳои зиёд мешуд ва ба таркиши иҷтимоӣ мебурд. Аз ин рӯ, қайсарони Рум ва роҳбароне, ки баъд аз Константин ба сари қудрат омаданд, аз истифодаи зӯроварӣ ва иҷборӣ таҳмил кардани оини насронӣ бар сари ҷомеа ба андозае худдорӣ карданд.

Муқоисаи падида ва зуҳуроти беруна, яъне рамзҳои таълимоти Митра ва Христос, ҳамчунин китобҳои муқаддаси ин ду оин бо сароҳат нишон медиҳанд, ки дини насрония пурра рамзҳо ва суннату анъаноти оини митраизмро ба худ гирифтааст.

Чуноне ки қаблан гуфтем, қайсарони Рум, падарони калисо ва рӯҳониёни бузурги насронӣ дар ин кишвар кӯшишҳои зиёде карданд, ки аҳолии мамлакат оини насрониро пазиранд, ҳатто дар баъзе ҳолатҳо онҳо даст ба кушторҳои зиёде заданд, лекин мардум аз имони худ, яъне оини митраизм барнагаштанд. Дар натиҷа онҳо бо роҳи ҳиллаву найранг рӯзи мелоди Исоро 25-уми декабр эълон карданд, ки он ба «Рӯзи зоиши Митра» ва ё «Рӯзи мавлуди Хуршеди шикастнопазир» мутобиқат мекард, ки ин рӯз дар осори қадима ва бозёфтҳои бостоншиносӣ ҳамчун рӯзи ба дунё омадани Митра, аз вучуди харсанг дар ғори бузург мебошад.

Қарори ниҳоӣ доир ба таърихи таъини Рӯзи мавлуди Исо 25-уми декабри соли 431 дар ҷаласаи Калисои ҷомеи севуми умумиҷаҳонии Эфессӣ қабул гардид. Ба ҳамин тариқ, Рӯзи мавлуди Исо аз нигоҳи замонӣ бо Сатурнялияҳои румӣ мутобиқат карда, батадриҷ тамоми ҷашну маросимҳо ва одобу русуме, ки ба оини митраизм дахл дошт, ҳамчун арзишҳои дини насронӣ қабул ва аз номи ин оин муаррифӣ гашт.

ОИНИ ОРИЁӢ

Қобил ба ёдоварӣ аст, ки митраизм - ин худ оини мехрпарастии мардумони ориётабор, бахусус эрониёну тоҷикон буда, кӯҳантарин санади мактубӣ (артифакт) бо номи Меҳр дар лавҳаи гилин дастрас гардид, ки ба 1400 сол қабл аз мелод бозмегардад. Дар соли 1907 дар шаҳри Капитола, ки яке аз шаҳрҳои Осиёи Сағир маҳсуб мегашт, дар маҳалле ба номи Бағозкуӣ яке аз лавҳаҳои гилин кашф шуд, ки ин лавҳа марбут ба паймони миёни қавму қабилаҳои эронитабор мебошад, ки дар он доир ба Митра ва Варуна - ду худои ҳиндуэрониён, нигориши паймонӣ ва ё ба ибораи имрӯза қарордоди дучониба анҷом шудааст.

Дар таърихи кӯҳани мардумони ориёӣ Меҳргон оғози соли ҳахоманишӣ дар замони эътидол буда, тулӯи хуршед дар бурҷи Мизон қарор гирифта, рӯзи ҷашни он дар Эрони муосир (Язд, Кирмон ва ғ.) мутобиқ ба солшумории зардуштӣ сурат мегирад.

Ба ҳамин тариқ, дар асоси солшумории ориёӣ муайян кардани оғозу поёни «Меҳррӯз», ки ба 16-уми моҳи Меҳр мутобиқат мекард, дар байни ориёиёни бостон аз ғуруби Хуршеди имрӯз то ғуруби фардо буд. Ба ҳамин муносибат тибқи солшумории қадимаи ориёӣ ҷашни Мехргон аз ғуруби Дибмеҳр, яъне ғуруби понздаҳумин рӯзи Меҳрмоҳ оғоз шуда, дар ғуруби Ромрӯз, яъне бистуякуми Мехрмоҳ ба поён мерасид.

Аслан мувофиқи сарчашмаҳо солшумории ориёиёни бостон солшумории Хуршедӣ будааст. Яъне аз як давраи гардиши замин ба даври офтоб, ки 365 рӯзу 5 соату 48 дақиқа ва 49 сония аст, иборат будааст. Соли онҳо низ ба мисли рӯзгори мо 12 моҳ дошта, бо номҳои фарвардин, урдубиҳишт, хурдод, тир, амурдод, шаҳривар, меҳр, обон, озар, дей ва ваҳман ёд мешуданд...

Дар асоси тақвими солшумории мазкур «Рӯзи зоиши Меҳр» ва ё «Рӯзи мавлуди Хуршеди шикастнопазир», ки аслан на ба 25-уми декабри солшумории мелодӣ мутобиқат мекунад, балки баробар ба 21-уми декабр аст, ки ба рӯзи 30-юми Озармоҳи эронӣ-тоҷикӣ мутобиқат намуда, дар солшумории эронтаборон дар асоси кеши мехрпарастӣ ҷашни «Шаби Ялдо» ва ё «Шаби таваллуди Меҳр» номгузорӣ шудааст. «Ялдо» мафҳуми сирёнӣ ба маънои «мелод», «таваллуд» аст. Мутобиқ бо оини Меҳр дар кишварҳои ориёинишин, «Шаби Ялдо» тӯлонитарин шаби сол ба шумор рафта, дар доираи маросими хос ва ҷалолу шукӯҳи бузург ҷашн гирифта мешуд.

Аз сабаби он ки дар оини тоҷикони қадим Хуршед рамз ва нишонаи фурӯғи Яздонӣ пиндошта мешуд ва ҳам муқаддас буд, моҳеро, ки дар оғози он офтоб - хуршед таваллуд мешавад, Деймоҳ (номи моҳи дахуми хуршедӣ мутобиқ ба 21-уми декабр то 21-уми январ), яъне моҳи додоварандаи ҳастӣ ном ниҳоданд ва мувофиқати он ба Дейрӯз барои онҳо моҳи бисёр муқаддас ва муборак будааст. Ба баёни аввалин рӯз ҳар моҳ низ бо ҳамин андеша ба номи Дей номгузорӣ шудааст.

МЕЛОДИ МАСЕҲ ДАР МОҲИ КРИСТ

Баъд аз асри чаҳоруми мелодӣ, ки масеҳият тамоми кишварҳои Ғарбро фаро гирифт, дар Рум ва бисёр кишварҳои Аврупоӣ рӯзи 21-уми декабр ҳамчун рӯзи мелоди Митра (Меҳр) ҷашн гирифта мешуд ва чуноне ки қаблан зикр кардем, калисо аз он ҷое, ки дар таини замон ва рӯзи дақиқи таваллуди ҳазрати Исо ба натиҷаи ниҳоӣ ва дуруст нарасида буд, ин рӯзро, ки мутобиқи моҳи крист дар «Тақвими Систонӣ» ва баробар бо зодрӯзи Меҳр дар оини Меҳрпарастӣ (Митраизм) ҳамчун «Мелоди Масеҳ» ва ё рӯзи таваллуди паёмбари насронихо ҳазрати Исо қабул карда шуд. Падарони калисо дар доираи ҳамон «бозиҳои пуштипардагӣ»-и хеш эълон карданд, ки паёмбар Исо дар поёни «инқилоби зимистонӣ», замоне, ки Офтоб ба нуқтаи эътидол дар мадори худ расид, ба дунё омадааст. Бинобар ин 21-уми декабр, ки баъдан дар натиҷаи иштибоҳоти муҳосиботии падарони рӯҳонии калисо ба 25-уми декабр гузашт, ҳамчун «мелоди мехри вучуди Масеҳ» ва оғози ҳузури тӯлонитари офтоб дар осмон ҷашн гирифта мешуд.

Аз сабаби он ки ҷашни мазкур дар оғози «Моҳи Крист» таҷлил мешуд, он дар Аврупо бо номи «Крисмас» номгузорӣ шуд ва қисмати аъзами рукнҳои дини мехрпарастӣ ва урфу одату анъанаҳои онро дар батни вучуди хеш ҳифз намуд.

ДАРАХТИ САРВ

Сарфи назар аз он ки баъзе паҳлуҳои анъанаҳои иҷрои ин маросим ба афсонаҳои кӯҳнаи кишварҳои Ғарб бозмегардад, лекин аслу маншаи ҷашнгириҳои ин рӯзро бояд дар андеша ва анъанаҳои мехрпарастӣ ҷустуҷӯ кард. Барои мисол «ёлка», «ель» ҳамон дарахти «сарв» ва «санавбар» мебошад, ки бо ситорае дар болотарин нуқтаи он ба унвони зинати ин ҷашн расм гардидааст ва ёдгорӣ аз дини Мехрпарастӣ ва фарҳанги ориёӣ буда, рамзҳои онро метавон дар адабиёти рамзҳо ва самбулҳои Эрон ҷустуҷӯ кард.

(Давомаш дар саҳ. 14)

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Аттестати синфи 11, Т-ШТУ №0415857, ба номи Мариморович Дмитрий Николаевич, аз 25.06.2011, МТМУ №8, ш. Хуҷанд, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Хайрулоева Мавҷуда, ш. Душанбе, н. Сино, к. Зарафшон 22, кв. 45, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши ҳуҷра дар реестри №8Д4-454, аз 28.04.1993, ба номи Хайрулоева Мавҷуда, ш. Душанбе, н. Сино, к. Зарафшон 22, кв. 45, ки аз ҷониби нотариуси давлатии Идораи 3-юми нотариалии шаҳри Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Созишнома дар бораи ба моликият супоридани квартира, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 17-уми октябри соли 2025, таҳти феҳристи №1Ш-857 ба номи Шералиев Ҳамидулло нисбат ба квартираи №71, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, хонаи 48 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ, РЯМ: 3330074156, ки нозироти андоз ба Ҳазратқулова Хосият додааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аппарати чеки хазинавии ҶДММ "НИНДЭ", ОКА ПФ 171402, РМА: 040043271, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, ки аз тарафи КДФ "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" дар шаҳри Душанбе ба номи Шералиев Ҳамидулло нисбат ба квартираи №71, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, хонаи 48 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Диёр Инжиниринг", №0281344, РЯМ: 0410034552, РМА: 040056370, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Додарбеки Шарифиён", РЯМ: 0910011786, РМА: 090018050, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Хонаи Олмони", РЯМ: 0910010998, РМА: 090017231, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Кӯшониён", РЯМ: 3310002383, воқеъ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ барҳам мехӯрад.

► ҶДММ "ЮСУФИ ҒАФОР", РЯМ: 0410041436, РМА: 040063917, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

СОЛИ НАВ АЗ ОИНИ МИТРОИСТ

(Аввалаш дар саҳ. 13)

Дарахти сарв яке аз рамзҳое аст, ки нишони онро метавон дар қолинҳои кӯҳнаи эрониён ва афғонҳову тоҷикон дарёфт кард. Ин дарахт пой дар замин ва сар дар осмон буда, рамзи озодагӣ ва мустаҳкамӣ мебошад ва дорои бӯи дилангез аст. Дар адабиёти ирфонии форсу тоҷик ин дарахт рамзи маъшуқи хушқомат ва хушрафтор аст, ки ҳаракатҳои вай аз ҳамоҳангӣ ва ё гармонияи хос бархӯрдор мебошад.

АРЧАИ СОЛИНАВӢ

Аслан анъанаи ҷашнгирӣ ва зебу зиннат додани арчаи солинавӣ дар Аврупо ба Германияи қарни шонздаҳуми мелодӣ рост меояд. Бахусус дар ҳамин давра дар Германия аз чӯб бозичаҳоеро омода сохта, онҳоро дар арча насб мекарданд ва шамъро дар он меафрӯхтанд. Батадриҷ расму оини истифодаи арча ва ё «кристмас» дар дигар минтақаҳо ва кишварҳои Аврупо ҷонибдорӣ пайдо кард. Дар соли 1841 дар Англия шоҳзода Алберт - шавҳари малика Виктория аввалин шуда арчаи солинавиро бо шамъу ширинӣҳо зебу зиннат дода ва ин раванд ҳамчун мӯд ба анъана табдил ёфт. Хонаводаҳои сарватманди Англия аз ин мӯд бо суръат пайравӣ карданд. Батадриҷ аз соли 1850 шуруъ карда, дарахтони арча бо бозичаҳои гуногун, аз он ҷумла лӯхтакҳо зебу зинат дода мешуданд. Аввалин арчаи солинавии «крисмас» дар Америка дар соли 1830 истифода шуд, ки он ҳам тавассути сокинони олмонии Пансилванӣ ба намоиш гузошта шуда буд...

СОЛИ НАВИ РУСИЯ

Дар Русия то асри Х ва умуман тамоми халқҳои славянӣ, аз он ҷумла украинҳо, беларусҳо, болгарҳо, сербҳо, хорватҳо, словениҳо, македониҳо, боснягиҳо, черногорҳо - Соли навро дар айёми Наврӯз ҷашн мегирифтанд. Дар ин кишварҳо ҳисоби вақт аз рӯи фаслҳои сол пеш бурда мешуд. Шояд аз ҳамон давра шуруъ карда дар ин мамлакатҳо тақвими 12-моҳаи қамарӣ коркард шуд. Дар асрҳои баъдӣ славянҳо ба тақвими шамсу қамарӣ гузаштанд.

Аз соли 988 шуруъ карда дар Рус дини насронӣ қабул шуд ва арзишҳои он вориди фарҳанги ин кишвар гашт. Дар ин давра онҳо дар асоси солшумории румӣ, ки он дар доираи «офариниши олам» (5508 сол) муайян карда шуда буд, аз соли нав ҷашн мегирифтанд. Баъдан аз ҷониби Пётри I дар Русия солшумории нави аврупоӣ ворид шуд. Анъанаи орову зиннат додани арчаи солинавӣ ба мисли дигар кишварҳо ба Русия низ аз Германия ворид шуд...

ДАВРОНИ ШУРАВӢ

Баъд аз пирӯзии Инқилоби Октябр низ дар Русия арча орову зиннат дода намешуд. Ҳатто дар соли 1926 ороиш ва зиннат додани арчаи солинавӣ ҳамчун ҷиноят қабул шуда буд ва Кумитаи марказии ВКП(б) анъанаи арчаи солинавиро ҳамчун хурофот ва зидди давлати шуравӣ эълон кард. Дар натиҷаи пешниҳодҳои зиёде аз ҷониби равшанфикрони Русия дар соли 1935 Сталин иҷозат дод, ки дар Иттиҳоди Шуравӣ арчаи солинавӣ бо расмҳои Ленин ва ғайра зебу зиннат дода шавад. Ба ҳамин тариқ, ин ҷашн батадриҷ аз тариқи Русия вориди дигар ҷумҳуриҳо, аз он ҷумла Тоҷикистон гашт...

Ба ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки дар баробари Соли нав анъанаҳо ва расму оини Меҳр дар тамоми паймонҳо нақши муҳим ва ғайри қобили инкор дошта, дар бисёр ҳолатҳо ба ҳаракатҳои ситорагон дар осмон ва илми ҳайат бозмегардад. Барои мисол «ҳалқаи Меҳр» дар акди паймони издивоҷ решаи ситорашиносӣ дорад. Ҳангоми маросими издивоҷ тақдими ангуштарин ва ё «ҳалқаи Меҳр» аз ҳамон бокӣ мондааст, ки аз тариқи русҳо боз дубора ба Тоҷикистон ворид гаштааст.

Сарфи назар аз он ки ҷашни Соли нави мелодӣ кай, дар кадом шакл ва аз тариқи кадом идеология ва низом ба фарҳанги муосири Тоҷикистон роҳ ёфтааст, он аллакай ҷузъи фарҳанги хонаводагии ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ гашта, ҳар сол ҷашн гирифтан аз он хаёли одамонро ба давраи туфулият мебарад ва лаҳзае ҳам бошад, аз мушкилиҳои рӯзгор ва асабонияти музмини доимӣ дур месозад.

АЗ ИДОРА:
Мақолаи арзишманди профессор Абдувоҳид Шамолов мухтасар нашр шуд. Шакли комили онро дар сомонаи PRESSA.TJ мутолиа кунед.

МАВЛУДНОМА

25 ДЕКАБР

Нусратулло Абдуллоев (1940), 85-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

Қиёмиддин Насриддинзода (1950), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Камол Насрулло (1950), 75-солагии зодрӯзи Шоири халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Виктор Приписнов (1930-2001), 95-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

Ҳайдар Саидов (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

26 ДЕКАБР

Зулфиқор Абдусатторов (1935-2000), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Хушвақт Сатторов (1935-2006), 90-солагии зодрӯзи муаррих, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Собир Солиев (1920-1994), 105-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, наттоқи радио.

Борис Соловёв (1910-1993), 115-солагии зодрӯзи устоди балет, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

27 ДЕКАБР

Раҳмонқул Зоиров (1945), 80-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Латофат Қудратова (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Алиаҳмад Нурзод (1945), 80-солагии зодрӯзи шоир.

Башорат Осимова (1935-2024), 90-солагии зодрӯзи забоншинос.

Саидумари Султон (1930), 95-солагии зодрӯзи шоир, адабиётшинос.

28 ДЕКАБР

Насрулло Азизов (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Мирзо Боқӣ (1945), 80-солагии зодрӯзи шоир.

Пётр Глажев (1900-1971), 125-солагии зодрӯзи рассоми кино.

29 ДЕКАБР

Фируз Қиёмов (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Саломатшо Сабоиев (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

Муҳаммад Султон (1950), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Ҷой Эделман (1930), 95-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

30 ДЕКАБР

Боқир Давлатов (1915-1982), 110-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

Тӯрон Қодиров (1930-1988), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

31 ДЕКАБР

Рустамҷон Воҳидов (1955), 70-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Татяна Содиқова (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Тӯхта Ҷӯраев (1935), 90-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

Аз идора
Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84



АРЧА

Дар театр аз коргардон мепурсанд:

- Бахшиш, шумо коргардони басаҳнагузорандаи барномаи солинавӣ ҳастед?

Коргардон:

- Бале, ман. Чӣ буд?

- Чаро барномаи имсолаатон ба барномаи солинавии соли гузашта монанд аст?

Коргардон:

- Шумо чиҳо мегӯед? Соли гузашта арчаи мо ба тарафи дигар чарх мезад!

ТУҲФА

Писарак баъди Соли нав ба холааш миннатдорӣ баён мекунад:

- Холаҷон, раҳмат барои карнайи туҳфакардаатон!

Холааш:

- Намеарзад, бачаҷон, ман онро ҳамагӣ даҳ сомонӣ харидам.

Писарак:

- Лекин барои он ки ман онро пуф накунам, падару модарам ҳар рӯз ба ман 10 сомонӣ медиҳанд!

ГЛОБУС

Дар сари дастархони пурнозу неъмат марде нишастааст, ки дигар чизе аз гулӯяш намегузарад. Дӯстонаш ба ӯ мегӯянд:

- Чаро нишастай? Ягон хӯрок намехӯрӣ?

Мард:

- Дигар наметавонам. Шикамамро бинед, мисли глобус дам кардааст.

Дӯстон:

- Ту экскаваторатро васеътар кун охир!

БОБОИ БАРФӢ

Ду ҳунарманд дар шаби Соли нав дар нақши Бобои Барфӣ пул кор мекунанд. Якеаш аз дигарӣ хоҳиш мекунад:

- Гӯш кун, ҷӯра, ба хонаи ман рафта, кӯдаконамро табрик кун!

- Чаро худат намеравӣ?

Ҳунарманди аввала:

- Нархномаи ман қиматтар аст, охир!

ҚАСАМ

Дар сари дастархон дӯстон Соли навро ҷашн мегиранд. Якеаш ҳангоми қадаҳро ба даҳон бурдан чашмонашро мепӯшад.

- Чаро ту вақти майнӯшӣ чашмонатро маҳкам мепӯшӣ?,- мепурсанд аз ӯ.

Мард дар ҷавоб:

- Ман дар назди занам қасам хӯрдам, ки аз Соли нав сар карда, дигар ҳеҷ гоҳ ба қадаҳи май наменигарам.

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

РЕКЛАМА

Аҷаб замон, реклама,
Аз субҳ то шом реклама.
Нафас кашӣ, реклама,
Барори он реклама.

Ҳар идора реклама,
Ҳам иҷора реклама.
Аз замин то осмон
Ҳар ситора реклама.

Сад хел дору реклама,
Шири ору реклама.
Шифо гӯён фурӯшанд,
Ҳам оби ҷӯй реклама.

«Кока-кола» реклама,
«Пепсикола» реклама.
Баҳри дарёфти арӯс,
Амма, хола реклама.

Атри хушбӯй реклама,
Акси хушрӯ реклама.
Аз барои сари кал
Ҳар тори мӯй реклама.

Дорухона реклама,
Ҳавлӣ, хона реклама.
Барои ҳар паранда,
Созӣ лона, реклама.

Ширу қаймоқ реклама,
Кулча, қуймоқ реклама,
Соли нав бе «халодис»...
Гӯшт, устухон реклама.

Дар ҳар девор реклама,
Симчӯб қатор реклама.
Курта, эзор овезон
Дар сими тор, реклама.

Шеъру сухан реклама,
Гул дар чаман реклама.
Нигаҳ дорад Худо аз
Гӯру кафан, реклама.

Соли Асп бореклама,
Омад, шод бошем ҳама.
Соли нав некӣ орад,
Арзанда ба реклама!

Эгамназар СОҲИБНАЗАРОВ,
н. Деваштич



Амали рассом Саъдии Сайфулло, н. Деваштич

Сканворд



Соли нав муборак!





Январ

ДШ	СШ	ЧШ	ПШ	ҶМ	ШН	ЯШ
			1	2	3	4
5	6	7	8	9	10	11
12	13	14	15	16	17	18
19	20	21	22	23	24	25
26	27	28	29	30	31	

Феврал

ДШ	СШ	ЧШ	ПШ	ҶМ	ШН	ЯШ
						1
2	3	4	5	6	7	8
9	10	11	12	13	14	15
16	17	18	19	20	21	22
23	24	25	26	27	28	

Март

ДШ	СШ	ЧШ	ПШ	ҶМ	ШН	ЯШ
						1
2	3	4	5	6	7	8
9	10	11	12	13	14	15
16	17	18	19	20	21	22
23	24	25	26	27	28	29
30	31					

Апрел

ДШ	СШ	ЧШ	ПШ	ҶМ	ШН	ЯШ
		1	2	3	4	5
6	7	8	9	10	11	12
13	14	15	16	17	18	19
20	21	22	23	24	25	26
27	28	29	30			

Май

ДШ	СШ	ЧШ	ПШ	ҶМ	ШН	ЯШ
			1	2	3	
4	5	6	7	8	9	10
11	12	13	14	15	16	17
18	19	20	21	22	23	24
25	26	27	28	29	30	31

Июн

ДШ	СШ	ЧШ	ПШ	ҶМ	ШН	ЯШ
1	2	3	4	5	6	7
8	9	10	11	12	13	14
15	16	17	18	19	20	21
22	23	24	25	26	27	28
29	30					

Июл

ДШ	СШ	ЧШ	ПШ	ҶМ	ШН	ЯШ
		1	2	3	4	5
6	7	8	9	10	11	12
13	14	15	16	17	18	19
20	21	22	23	24	25	26
27	28	29	30	31		

Август

ДШ	СШ	ЧШ	ПШ	ҶМ	ШН	ЯШ
					1	2
3	4	5	6	7	8	9
10	11	12	13	14	15	16
17	18	19	20	21	22	23
24	25	26	27	28	29	30
31						

Сентябр

ДШ	СШ	ЧШ	ПШ	ҶМ	ШН	ЯШ
	1	2	3	4	5	6
7	8	9	10	11	12	13
14	15	16	17	18	19	20
21	22	23	24	25	26	27
28	29	30				

Октябр

ДШ	СШ	ЧШ	ПШ	ҶМ	ШН	ЯШ
			1	2	3	4
5	6	7	8	9	10	11
12	13	14	15	16	17	18
19	20	21	22	23	24	25
26	27	28	29	30	31	

Ноябр

ДШ	СШ	ЧШ	ПШ	ҶМ	ШН	ЯШ
						1
2	3	4	5	6	7	8
9	10	11	12	13	14	15
16	17	18	19	20	21	22
23	24	25	26	27	28	29
30						

Декабр

ДШ	СШ	ЧШ	ПШ	ҶМ	ШН	ЯШ
	1	2	3	4	5	6
7	8	9	10	11	12	13
14	15	16	17	18	19	20
21	22	23	24	25	26	27
28	29	30	31			

PRESSA.TJ
ОИЛА
РЕКЛАМнАя газета
ARZON.TJ
RG.tj